# ВАҲДАТУ ЯКДИЛӢ МАРОМИ МОСТ!

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 11-12 (153-154) 2-ЮМИ ИЮЛИ СОЛИ 2021, ҶУМЪА

ДАР ИН ШУМОРА:

РУШДИ ИЛМИ ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ с. 2

ҲИМОЯИ РИСОЛАИ НОМЗАДӢ МУБОРАК БОД! с. 3

ХИЗМАТҲОИ БЕНАЗИР ВА ТАЛОШҲОИ ХАСТАНОПАЗИРИ ПЕШВОИ МУАЗЗАМИ МИЛЛАТ ДАР РОҲИ РАСИДАН БА ВАҲДАТИ МИЛЛӢ... с. 4-5

ТОҶИКИСТОН ВА ҶОЙГОҲИ ОН ДАР СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ с. 8-9

ҲАЁТ – ОЛИТАРИН НЕЪМАТ с. 10

БУНЁДГУЗОРИ ТОҶИКИСТОНИ ШӮРАВӢ с. 13

ОИЛАИ СОЛИМ – АСОСИ ПЕШРАФТИ ҶОМЕАИ МАДАНӢ с. 15



Ваҳдати миллӣ ба яке аз арзишҳои волои ҷомеаи мо табдил ёфта, барои мардуми шарифи Тоҷикистон қадру қимати баланд дорад.

Мардуми мо, хусусан, наврасону ҷавонон бояд ҳамеша дар ёд дошта бошанд, ки ваҳдати миллии тоҷикон саҳлу осон ба даст наомадааст.

Сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ ба мардуми Тоҷикистон дар натиҷаи саъю талоши шабонарӯзии фарзандони огоҳу бедордили миллат, музокироти бисёр мушкилу тӯлонӣ ва ҳамзамон бо ин, бар ивази ҷони ҳазорон нафар ҷавонмардони содиқу ватандӯст муяссар гардидааст.

Таъмини сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ хизмати бузургу таърихии халқи тоҷик аст ва қаҳрамони сулҳу ваҳдати миллӣ низ танҳо халқи Тоҷикистон мебошад.

Ҳоло Тоҷикистони азизи мо дар фазои сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ ба сӯи фардои боз ҳам ободу осуда қадамҳои устувор мегузорад.

Эмомалӣ РАҲМОН

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

**Муассис:**
Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

**Сармуҳаррир:**
Эмомалӣ МИРАЛӢ
www.law.tnu.tj@gmail.com

**Муовини сармуҳаррир:**
Ҳамза БОБОХОНЗОДА
**Муҳаррир:**
**Некрӯз САФАРЗОДА**
**Таррох:**
Акмал Шарипов

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Раҳмон Д.С.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.**
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Абдуллоев П.С.**
муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ;
**Сулаймонов Ф.С.**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ.

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Насриддинзода Э.С.**
Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, узви вобастаи АМИ ҶТ;
**Ватанзода М.М.**
Муовини аввали раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ.
**Имомзода М.С.**
Вазири маориф ва илми ҶТ, академики АМИ ҶТ.
**Хушвахтзода Қ.Х.**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори ДМТ,
**Тоҳиров Ф.Т.**
академики АМИ ҶТ
**Маҳмудзода М.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, академики АМИ ҶТ.
**Раҳимзода М.З.**
профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АМИ ҶТ.

**ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳамаи андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонии идора: ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: (+992) 907-67-20-20
(+992) 939-25-98-28
Теъдод: 1000
Навбатдори шумора:
**Миралӣ Собир**

# РУШДИ ИЛМИ ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ





Санаи 10 июни соли 2021 бо ташаббуси кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносӣ семинари ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзӯи «Рушди илми ҳуқуқи соҳибкорӣ, сайёҳӣ ва меҳнат дар даврони истиқлоли давлатӣ» бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатии ҶТ ва 40-солагии таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат баргузор гардид.

Семинарро декани факултети ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. ҳусни оғоз бахшида, ба кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат барои ташкил ва баргузор намудани чунин чорабинии илмӣ изҳори сипос намуданд. Қайд гардид, ки ҳуқуқи соҳибкорӣ, сайёҳӣ ва меҳнат дар ҶТ тайи солҳои соҳибистиқлолӣ бамаротиб рушд намуда, дар ин самт корҳои назаррас анҷом дода шудаанд. Ташаббусҳои ҳукумати мамлакат вобаста ба эълони соли 2018 “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” ва солҳои 2019-2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” далели ин гуфтаҳост.

Баъдан, дар асоси барномаи омодагардида устодон, аспирантон, унвонҷӯён ва магистрони кафедра баромад намуда, ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Дар ҷараёни семинар чунин масъалаҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтанд: нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди конунгузории асъор; мафҳум ва усулҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ дар соҳаи соҳибкорӣ; мафҳум ва хусусиятҳои роҳҳои автомобилгард ҳамчун объекти ҳуқуқи ашёӣ; ҳолати ҳуқуқии кооперативҳои тиҷоратӣ тибқи конунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҳуқуқҳои мақомоти андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра.

Дар фарҷоми байни баромадкунандагон ва иштирокчиён доир ба мавзӯъҳои баррасишуда муҳокимаву музокираҳои илмӣ сурат гирифт ва изҳори умед карда шуд, ки баррасии чунин мавзӯъҳои мубрам дар пешрафти илми ватанӣ нақшгузор хоҳад буд.

**Таҳияи**
**Некрӯз САФАРЗОДА**

# ИШТИРОК ДАР НИММАРАФОНИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар баробари он ки маҳзани бузурги илму маърифат ва макони омода намудани мутахассисони баландихтисос ба ҳисоб меравад, ҳамзамон дар рушди соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла варзиш саҳми назаррас мегузорад. Аз ин ҷост, ки устодону донишҷӯёни факултет дар мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ иштирок намуда, сазовори ҷойҳои ифтихорӣ мегарданд.

Санаи 13 июни соли ҷорӣ дар шаҳри Душанбе дар доираи раёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони ҳамкории Шанхай Ниммарафони байналмилалӣ




баргузор гардид. Дар ниммарафони мазкур ҳудуди 400 нафар, аз ҷумла варзишгарон аз кишварҳои Германия, Япония, Россия, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ширкат варзиданд.

Масофаи ниммарафон 21 километру 97 метрро ташкил дода, иштирокчиён дар масири кӯчаи Исмоили Сомонӣ-70 тавассути хиёбони Ҳофизи Шерозӣ то маҳалли Чорбоғ, аз он ҷо тавассути хиёбони Рӯдакӣ то Майдони Дӯстӣ давиданд.

Маврид ба зикр аст, ки дар ин ҷорабинии варзишӣ устодони факултети ҳуқуқшиносӣ иштироки фаъолона намуда, ба хотири нигоҳ доштани саломатӣ ва ҳолати ҷисмонии худ масофаи муайяншударо дар муддати кӯтоҳ тай намуданд. Дар охир ҳайати тадорукот ба садорати факултет барои иштироки фаъолона дар ниммарафони байналмилалӣ изҳори сипос намуданд.

**Таҳияи**
**Миралӣ СОБИР**

# АСАРИ БЕҲТАРИН ДАР МАВЗӮИ ЭКОЛОГИЯ



15 июни соли 2021 дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ озмуни ҷумҳуриявии «Асари беҳтарин дар мавзӯи экология», ки ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии ҶТ бахшида шуда буд, ҷамъбаст гардид.

Ҷиҳати иштирок дар озмун аз ҷониби 83 нафар аҳли зиё ва шаҳрвандони ҷумҳурӣ, аз ҷумла 8 нафар докторони илм ва профессорон, 17 нафар номзадҳои илм, 16 нафар рӯзноманигорони касбӣ ва коршиносону мутахассисони масоили экологӣ асару мақолаҳо пешниҳод гардида буд.

Тибқи қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ устоди кафедраи




ҳуқуқи гражданӣ факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Соҳибзода Муҳаммадҷон Маҳмадалӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, муовини якуми директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои таҳияи китоби «Ҳуқуқи экологии ҶТ» сазовори ҷойи якум ва бо диплом ва мукофотҳои хотиравӣ сарфароз гардонида шуд.

Аз ин рӯ, садорати факултети ҳуқуқшиносӣ, устодону кормандон ва донишҷӯёни ин даргоҳ Соҳибзода М.М.-ро бо ин дастоварди бузургаш самимона табрик намуда, ба эшон фатҳи қуллаҳои баланди илмиву эҷодӣ ва кориро таманно менамоянд.

# ФАЪОЛИЯТИ ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ КОА-059

Хурсандибахш аст, ки дар арафаи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ ва бо шарофати касби Истиқлолияти давлатӣ, амали сохтани сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имконпазир гаштааст, дар кишвар Шӯроҳои диссертатсионӣ барои ҳимояи рисолаҳои илмӣ таъсис дода шавад.

Дар ин хошия, бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2020, таҳти №62 Шӯрои диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) -доктор аз рӯи ихтисос доир ба ихтисосҳои 6D030100 - ҳуқуқшиносӣ ва 6D030300 - фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ дар назди ДМТ таъсис ёфт, ки ба Шӯрои диссертатсионии мазкур баррасӣ ва ҳимояи рисолаҳо ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ; 12.00.09 - Мурофиаи ҷиноятӣ ва 12.00.12 - Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ иҷозат дода шуд. Рамзи Шӯрои диссертатсионӣ - 6D.КОА-059 муайян шуда, мухлати фаъолияти он 2 сол муқаррар гардидааст.

Натиҷаи фаъолияти Шӯрои диссертатсионии мазкур нишон дод, ки то имрӯз як қатор устодон ва аспирантони Донишгоҳи миллӣ ва берун аз он рисолаҳои худро ҳимоя намуданд. Аз ҷумла, Мирзоев С.Т., Раҳмонзода М.Ҷ., Гулноза Ш., Маҳмадзода Н., Азимӣ С., Раҳимзода М.С., Шарипов С.С., Ҳайдарзода М.П., Хусейнова М.С. ва Абдуллоев Н.С. рисолаҳои илмии худро ҳимоя намуданд, ки ин дастоварди Шӯрои диссертатсионӣ дар тули як соли фаъолият ба ҳисоб меравад.

**Таҳияи**
**Шерзода БУРҲОНАЛӢ**

# ҲИМОЯИ РИСОЛАИ НОМЗАДӢ МУБОРАК БОД!



Муваффақияту комёбиҳои устодон барои факултети ҳуқуқшиносӣ ва донишҷӯёни он мояи ифтихор ва сарфарозӣ аст. Бинобар ин, устодони ин даргоҳ бо дарки масъулияти баланди касбӣ пай дар пай рисолаҳои илмии худро сарбаландона ҳимоя намуда, хазинаи илмии факултетро пурғановат менамоянд. Далели гуфтаҳои фавқуззикр ҳимоя намудани рисолаи номзадӣ аз ҷониби устоди кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ Қодиров Ҷурабек Шарифович мебошад. Мавсуф таърихи 29 июни соли 2021 рисолаи номзадии хешро дар мавзӯи «Асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии ташкил ва фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давалатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» сарбаландона дифоъ намуд.

Аз ин рӯ, идораи рӯзномаи “Минбари ҳуқуқшинос”, садорати факултети ҳуқуқшиносӣ ва устодону кормандони ин боргоҳи илм Қодиров Ҷ.Ш.-ро бо дастоварди арзишмандаш самимона табрик намуда, ба эшон муваффақият ва дастовардҳои нав ба навро дар соҳаи илм таманно менамоянд.



# ВАҲДАТИ МИЛЛИИ ТОҶИКОН – ТАҶРИБАИ НОДИРИ ТАЪРИХӢ



**Бобоҷон НАИМОВ**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ**



**Ҷамолиддин ШАРИПОВ**
**муаллими калони кафедраи таърихи халқи тоҷик**

**Дар таърихи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол 27 июн ҳамчун рӯзи рамзӣ сабт гардидааст. Ин сана, ҳамчун рӯзи ба ҳам омадан ва аз як гиребон сар бардоштани миллат баҳри наҷоти кишвар аз вартаи нестшавӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз дар ҳамин рӯз ба таври комил фарҳанги сулҳи тоҷикон, ки беҳтарин неъмат ва волотарин дастоварди миллат ба ҳисоб меравад, ғалаба кард.**

Пас аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ҳар як давлати аъзои он истиқлоли миллию сиёсии хешро эълон кард. Тоҷикистон аз ҷумлаи он кишварҳое буд, ки яке аз охиринҳо шуда ба истиқлол расид. Дар умум, вобаста ба вазъи сиёсии ҷойдошта истиқлолият барои миллати тоҷик бисёр бо роҳи оддӣ ва осон ба даст омад. Аммо бо сабабҳои субъективӣ ва объективӣ миллати тоҷик натавонист, ин неъмати бебаҳо – Истиқлолияти давлатиро дар ибтидо самаранок истифода намуда, ба қадраш бирасад.

Баробари тағйирёбии вазъи сиёсӣ, яъне барҳам хӯрдани низоми шӯравӣ ва ташаккули демократия дар ҷомеа унсурҳои нав ба вуҷуд омаданд. Дар охири солҳои 80 асри XX ҳукумати Шӯравӣ дар асоси консепсияи «бозсозӣ» роҳи демократикунонии ҷомеаро пеш гирифта буд. Асоси консепсияи бозсозиро демократикунонии ҷомеа ташкил дода, ҷавҳари онро бошад, мавҷудияти низоми бисёрҳизбӣ, озодии васоити ахбори омма, озодии виҷдон, набудани идеологияи расмии давлатӣ ва мавҷудияти ниҳоди интихобот, ки дар давраи шӯравӣ ин падидаҳо вуҷуд надоштанд.

Дар ҷомеаи шӯравӣ чун анъана низоми якаҳизбӣ ва идеологияи расмии давлатӣ ҳукумрон буд. Акнун ҳукумати шӯравиро зарур буд, ки ба халқе, ки қариб 70 сол ба як низом одат карда буд, мафҳуми нав, яъне демократияро шарҳу тавзеҳ диҳад. Вале ҳукумат дигар вақти шарҳи онро пайдо накарду ин барнома омили барҳам хӯрдани давлати Шӯравӣ гардид ва ин дард ба кишварҳои пасошӯравӣ интиқол ёфт.




Тоҷикистон аз ҷумлаи он кишварҳое буд, ки ин равандро сипарӣ намуд. Аммо ҳукумат ва ҷомеа ба зудӣ унсури навро қабул карда натавонист ва ин ба мураккабиҳои ногувор оварда расонид. Дар ҷомеа гурӯҳҳои мухталиф ташкил ёфта, ҳар яке худро ҳомии манфиатҳои давлату миллат эълон кард, вале мутаассифона, на ҳама чунин мақсад доштанд.

Абарқудратҳо аз барҳам хӯрдани ИҶШС истифода намуда, роҳи воридшавӣ ба Осиёи Марказиро пеш гирифтанд. Онҳо ба таври махсус аз гурӯҳҳои ҳукуматхоҳ истифода намуданро оғоз бахшиданд. Мутаассифона, аксарият ҳизбу созмонҳои ҷамъиятӣ, ки нав ташкил гардиданд, ба таври демократӣ мубориза бурданро таҷриба надоштанд, бинобар ин, ягона роҳи амалӣ гардидани мақсадҳои худро, дар истифодаи зӯрӣ медиданд. Манфиатхоҳони хориҷӣ бошанд, аз ин вазъ истифода бурда, дар Тоҷикистон ба гурӯҳҳои мухталифи тундрав сарпарастиро оғоз бахшиданд.

Моҳи ноябри соли 1992 дар зери шиорҳои хуруфотпарастонаю ба истилоҳ ҳифозат аз дину диёнат дар кишвар чандин гурӯҳҳо ташкил ёфт. Дар натиҷаи муттаҳидшавии гурӯҳҳои мухолифи ҳукуматӣ ситоди «Наҷоти Ватан» ташкил шуд.

> **Шояд ва ё аниқ барои насли имрӯзаи ҷавони кишвар суоле ба миён ояд, ки ин ситод Ватанро аз ки наҷот медода бошад, дар ҳоле, ки сарпарасти асосии ин ташкилотҳо аксаран кишварҳои хориҷӣ буданд.**

Бо ташаббуси ин ситод дар маркази кишвар майдони «Шаҳидон» ва барои ҳифзи ҳукумати қонунӣ бошад, майдони «Озодӣ» ташкил гардид.

Дар муддати кутоҳтарин зиёда аз 60 ҳазор аҳолӣ Ватанро тарк кард. Дар чунин вазъи бисёр ҳам мураккаб, барои муайян кардани сарнавишти миллату давлати тоҷик ҳукумат ва сарваре лозим буд, ки хатари аз байн рафтани давлати нав баистиқлолрасидаро бартараф намояд.

Таҷрибаи таърихӣ собит кардааст, ки халқи тоҷик дар ҳар марҳилаи тақдирсоз чунин фарзандони бонангу бовиқореро ба миён овардааст, ки дар муайян кардани сарнавишти миллат нақши бисёр бориз гузоштаанд.

Ҷиҳати аз байн бурдани хатари Истиқлолияти давлатӣ ва омилҳои ҷанги таҳмилии бародаркуш аз 16 ноябр то 2 декабри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанд Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар Иҷлосия масъалаҳое мавриди ҳаллу фасл қарор гирифтанд, ки воқеан барои миллати тоҷик тақдирсоз ба ҳисоб мерафтанд. Дар баробари ҳалли дигар масъалаҳои муҳим интихоби раиси Шӯрои Олӣ пеш омад. 19 ноябр ба ҳайси раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон – Эмомалӣ Раҳмонов интихоб шуд. Эмомалӣ Раҳмон замоне ба сари ҳокимият омад, ки Тоҷикистон ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гирифтор буд.

Бо ташаббуси сарвари навинтихоб дар Иҷлосия якчанд масъалаҳое мавриди ҳаллу фасл қарор гирифтанд, ки заминаи ташаккули Ваҳдати миллии тоҷиконро гузошт. Аз ҷумла, аз муҳосираи иқтисодӣ баровардани минтақаҳои алоҳидаи мамлакат, баргардонидани муҳоҷирони иҷборӣ аз сарзамини Афғонистон, ташкили комиссия оид ба таҳияи лоиҳаи Қонуни асосӣ, қабули Парчами давлатӣ ва ғ.

Новобаста аз мураккабиҳо, бо ташаббуси Эмомалӣ Раҳмон дар ҳашт давра дар шаҳрҳои мухталифи кишварҳои ба мо дӯст раванди гуфтушуниди миёни тоҷикон сурат гирифт. Роҳбари давлат аз рӯзҳои нахуст талош бар он варзид, ки вазъи мураккаби мавҷуда бо роҳи созиши ду ҷониб ҳаллу фасл карда шавад, ҳарчанд ки дар ин миён баъзе гурӯҳҳо ба раванди гуфтушунид таъсири манфӣ мерасониданд.

Яке аз нахустин ташаббусҳои сарвари навинтихобу ҷавон ва оқилу дурандеш қабули қонун дар бораи авф ва баргардонидани муҳоҷирони иҷборӣ буд. То ҳол таърихи умумиҷаҳонӣ ёд надорад, ки ҳукумате ва ё сарваре, барои баргардонидани муҳоҷирони иҷбории худ талоше намуда бошад.

Бо ин амалҳои инсонпарваронаи худ, Эмомалӣ Раҳмон дастгирии оммаи васеи аҳолиро соҳиб шуда, 6 ноябри соли 1994 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид. Саҳифаи нави таърихи халқи тоҷик оғоз гардида, дар дилу дидаи миллати тоҷик иродаи қавӣ ва сиёсӣ пайдо шуд. Мардуми азияткашидаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ умеду орзуҳои деринаи худро аз Президенти тозаинтихоб интизор буданд.

Ниҳоятан, баъд аз 8 давраи музокироти миёни тоҷикон санаи 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москваи Федератсияи Русия Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид. Ин санади тақдирсоз ва хотимабахшандаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ Тоҷикистонро аз вартаи ҳалокат ва нестшавӣ наҷот дода, ба миллати тоҷик рӯҳи нав, илҳоми тоза бахшида, дар сарҷамъ кардани миллат, иттиҳоду ягонагии мардуми кишварамон нақши бебаҳо гузошт.

Ҳамин тавр, бо имзо шудани ин санади таърихӣ давлати соҳибистиқлоли мо ҳувият ва ҳастии хешро дубора ҳифз кард ва ба ҷаҳониён собит намуд, ки миллати тоҷик дорои тамаддун ва фарҳанги бостонӣ буда, Ватанро муҳимтарин муқаддасоти хеш медонад.

**Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) 15 июни соли 2001 таъсис ёфт.**

# ХИЗМАТҲОИ БЕНАЗИР ВА ТАЛОШҲОИ ХАСТАНОПАЗИРИ ПЕШВОИ МУАЗЗАМИ МИЛЛАТ ДАР РОҲИ РАСИДАН БА ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ВА РУШДИ ДАВЛАТДОРӢ



Изатулло МАҲМУДОВ
и.в. мудири кафедраи ҳуқуқи
судӣ ва назорати прокурорӣ, дотсент

## ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

**Давоми се даҳсолаи охир дар тамоми самтҳои фаъолияти давлатӣ ва ҷамъияти Ватани маҳбубамон таҳаввулотҳои азим, дигаргуниҳои куллӣ ва тағйиротҳои чашмрас падид омаданд. Бо амри таърих баъд аз ҳазор соли бедавлатӣ миллати сарбаланду тамаддунофар ва фарҳангсолору бунёдкори тоҷик 9-уми сентябри соли 1991 арзишмандтарин ва волотарин неъмат – Истиқлолияти давлатиро ба даст овард. Агарчанде касби соҳибихтиёрии давлатӣ барои ҳар як фарзанди бонангу номуси ин сарзамини аҷдодӣ мояи ифтихору сарфарозӣ ҳаст, вале мо натавонистем ки ба таври шоиста аз ин неъмати бебаҳо ҳифз намоем. Ҳодисаву воқеаҳо ва тағйироту таҳаввулотҳои босуръати солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ мардуми тоҷикро дар роҳи ҳифзу нигаҳдошти ин сарвати бебаҳо ба душвориву мушкилиҳои сангин мувоҷеҳ кард.**

Аз ҳама нангинаш он буд, ки бо айби гурӯҳу ҳизбҳо, афроди ноогоҳ, бетаҷрибагии сиёсӣ ва дахолати бевоситаи аҷнабиён Тоҷикистон ба коми оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд. Дар натиҷа ба хоҷагии халқи мамлакат талафоти зиёди молӣ расонида шуда, ҳазорон шахсони бегуноҳ ҷони худро аз даст доданд. Дар чунин шароити ҳассоси таърихӣ давлати тоза ба истиқлол расидаи тоҷикон ва миллати фарҳангсолори тоҷик дар чорсӯйи тақдир дар ҳолати яъсу ноумедӣ қарор гирифта, роҳу равиши минбаъда ва дурнамои пешрафти он зери суол қарор гирифта буд. Вазъияти баамаломада зарурати оҷилан андешидани тадбирҳои зарурӣро ҷиҳати хомӯш кардани ҷанги шаҳрвандӣ, ба ҳам овардани миллати пароканда, таъмини оромию субот ва ба сӯи ҳаёти муътадил раҳнамун кардани мардуми тоҷикро тақозо менамуд.

## ИҶЛОСИЯИ ТАҚДИРСОЗИ XVI-УМИ ШӮРОИ ОЛӢ

Дар чунин шароити ҳассоси таърихӣ баргузории иҷлосияи тақдирсози 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро моҳи ноябри соли 1992 дар шаҳри бостонии Хуҷанд метавон аз дигар дастовардҳои беназири халқи тоҷик дар оғози солҳои соҳибихтиёрӣ эътироф намуд. Ин иҷлосия заминаҳои мусоиди ҳуқуқиву сиёсиро барои расидан ба сулҳу субот ва ба вуқӯъ пайвастани дигаргунӣ ва пешрафиҳои азимро дар ҷомеаи Тоҷикистон фароҳам оварда, дар қалби ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ шӯълаи умедро ба сӯи фардои неки давлатдории миллӣ, таъмини рӯзгори босаодату пурнишоти мардуми кишвар фурӯзон намуд.

Бузургтарин дастоварди ин иҷлосияи тақдирсоз он буд, ки ба бахти миллионҳо нафар тоҷикони рӯйи олам бо амри Парвардигор фарзанди бонангу номус, қавииродву ватандӯст, далеру ҷасур, покзамиру нексиришт ва ғурури баланди миллидошта Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун Сарвари давлат тавлид намуд. Ин фарзанди фарзонаи миллат ҷон дар каф бо як далериву ҷасорати бемисл масъулияти баланди роҳбариро ба душ гирифта ба наҷоти миллату давлати тоҷикон бархост. Сарвари давлат такя ба хиради азалии мардуми тоҷик роҳи ягонаи ҳалли низоъи дохилии тоҷиконро танҳо аз тариқи музокироту гуфтушунид пеша намуда, барои расидан ба сулҳи деринтизор камари ҳиммат баст.

## КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Маврид ба зикр аст, ки дар ҳамин гуна шароити ҳассос 6-уми ноябри соли 1994 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ бо дастгирии аксарияти шаҳрвандони кишвар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки қабули он низ аз дастовардҳои бузурги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибихтиёрии давлатӣ маҳсуб меёбад. Зеро Конститутсияи кишвар дурнамои пешрафти Тоҷикистонро ҳамчун давлати демокративу ҳуқуқбунёд муайян карда, тамоми орзуву ормон ва хуввияти озодихоҳиву озодиандешии мардуми тоҷикро дар худ ифода намуда, барои пойдории ҳокимияти конститутсионӣ, таҳкими рукнҳои давлатдорӣ, ноил гардидан ба пешравиҳои бузурги сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва муҳайё намудани шароити арзандаи зиндагонии босаодати ҳар фард заминаи мусоидро фароҳам овард.

Барои амалисозии шоҳкориҳои азим, ислоҳотҳои иқтисодиву иҷтимоии таъминкунандаи зиндагонии арзандаи сокинони мамлакат ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои муфиди байналмилалӣ ҷанги шаҳрвандӣ монеаҳои ҷиддӣ эҷод мекард. Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи роҳбарияти давлату ҳукумати мамлакатро дар он шабу рӯз ҳарчи тезтар хомӯш кардани ҷанги шаҳрвандӣ, ба ҳам овардани миллати тоҷик ва рӯй овардан ба корҳои созандагию бунёдкорӣ ташкил медод.

## ТАЪМИНИ СУЛҲ ВА ФАЗОИ ОРОМ

Пеш аз ҳама, бо дарназардошти авзои ноороми кишвар дар солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ, фалаҷ гаштани фаъолияти сохторҳои давлатӣ, қарор доштани шаҳрвандон дар ҳолати яъсу ноумедӣ зарур буд, ки қонуну қарорҳои қабулшуда барои таъмини сулҳу салоҳ, ҳамдигарфаҳмии комил ва фазои орому субот дар кишвар мусоидат намуда, эътимоду боварии шаҳрвандони Тоҷикистонро ба фардои оянда дурахшони ин давлату сарзамин бедор менамуд.

Дар натиҷаи азму талош, кӯшишу пайкорҳои бемисл ва хизмату заҳматҳои арзандаи шабонарӯзии ин шахсияти барҷастаи таърихӣ такя ба дастгирии сокинони сарбаланди мамлакат дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ барои хомӯш кардани алангаи ҷанги шаҳрвандӣ, рафъи хатари парокандашавии миллат ва заволёбии давлати тоҷикон тадбирҳои муассир андешида шуданд. Миллати тоҷик дар симои Эмомалӣ Раҳмон - шахси хирадманду дурандеш, роҳбари оқилу тавоно, қаҳрамони асил ва Пешвои ҳақиқии хешро пайдо намуд. Дар воқеъ, таърихи навини давлатдории тоҷиконро бе заҳмату талош, хизматҳои арзандаву шоистаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тассавур кардан имконнопазир аст. Бояд ҷавонмардона эътироф намуд, ки ба зима гирифтани масъулият ба кори давлатдориву давлатсозӣ дар ҷойи хушку холӣ, бе заминаҳои муайяни устувори молиявию моддӣ, иқтисодиёти фалаҷгашта саҳлу осон набуд. Танҳо нафаре метавонист ба ин корҳо дастболо шавад, ки бо дарки ғуруру хуввияти баланди миллӣ тамоми ҳастиву вуҷуди худро ба миллату сарзамини хеш фидо кунад.

Дар заминаи қабули қарорҳои таърихию тақдирсоз, роҳандозӣ намудани ташаббусҳои созандаву сиёсати ҳадафмандона ва андешидани силсилаи тадбирҳои мақсадноки фарзанди содиқу вафодори миллат - Сарвари маҳбуби тоҷикон Эмомалӣ



Рахмон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иктисодӣ, ичтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқии кишвар дигаргуниҳои куллӣ ба вуқуъ пайваста заминаҳои боэътимоду устувори бунёди аркони давлатдории миллӣ гузошта шуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи бунёди давлати ҳуқуқбунёд, соҳибихтиёр, демократӣ, дунявӣ ва ягонаро пеш гирифта дар як мухлати кӯтоҳи таърихӣ соҳиби Конститутсия, Нишон, Парчам, Суруди миллӣ, асъори миллӣ ва тамоми рукнҳои давлатдории миллӣ гашт.

## СОЗИШНОМАИ УМУМИИ ИСТИҚРОРИ СУЛҲ ВА РИЗОИЯТИ МИЛЛӢ

Дар робита ба ин масъала яке аз саҳифаҳои муҳимму дурахшони таърихи навини давлати ҷавони Тоҷикистонро ин ба имзо расонидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ташкил медиҳад. Пас аз баргузори чандин даври музокирот ва гуфтушуниди сулҳи тоҷикон дар шаҳрҳои Алмаато, Ашқобод, Бишкек, Исломобод, Кобул, Машҳад, Москва, Теҳрон ва Ҳусдеҳи Афғонистон миёни намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди нерӯҳои мухолифини тоҷик тахти сарпарастии нозирони байналмилалӣ 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия созишномаи мазкур ба имзо расонида шуд. Воқеан, санаи 27 июни соли 1997 дар таърихи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол абадан бо ҳарфҳои заррин сабт хоҳад шуд. Ба имзо расидани созишномаи мазкур як гардиши куллиеро дар роҳи расидан ба ваҳдати сартосарӣ, таъмини сулҳи деринтизор ва амалисозии ислоҳотҳои низоми давлатдорӣ рӯйи кор овард.

Таъмини сулҳ, ваҳдати сартосарӣ, ризоияти миллӣ, оромию субот дар ҷомеа, хомӯш кардани ҷанги шаҳрвандӣ, баргардонидани тамоми гурезагони иҷборӣ ба Ватан, аз вартаи нестӣ ва парокандагӣ начот додани давлату миллати тоҷик, аз бузургтарин ва беназиртарин хизматҳои тақдирсозеанд, ки Сарвари давлат барои давлату миллати тоҷик анҷом додаанд. Махз бо шарофати хизматҳои барҷаставу арзандаи таърихии ин абармарди бузурги саҳнаи сиёсат дар самти таъмини сулҳу ваҳдати миллӣ, хомӯш кардани оташи ҷанги шаҳрвандӣ ва рафъи хатари парокандашавии миллату заволёбии давлат бо дастгириву ташаббусҳои бевоситаи халқи Тоҷикистон якдилона бо қалби саршор аз меҳру муҳаббат ба ӯ мақоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат лоиқ донистa шуда, аз тариқи конун танзими ҳуқуқӣ пайдо кард. Итминон дорем, ки кохи мухташами сулҳи тоҷикон, ки бевосита бо дастони ин чеҳраи сиёсии эътирофшудаи сатҳи байналмилалӣ бунёд шудааст, ҳазорсолаҳо бегазанд хоҳад монд. Боварӣ дорем, ки таҷрибаи бузурги сулҳоварӣ ва давлату миллатсозии Пешвои муаззами тоҷикони ҷаҳон садсолаҳо мавриди омӯзиш, пазириш ва таваҷҷуҳи ҳамешагии давлатҳои олам ва аҳли башар қарор хоҳанд гирифт.




## ТАШАББУСҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар натиҷаи амалисозии сиёсати сулҳҷӯёна ва бомароми хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо назардошти манфиатҳои миллӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кисмати ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳонӣ имрӯз аз ҷониби 178 давлатҳои дунё ба расмият шинохта шуда, бо онҳо робитаҳои устувори дипломатӣ ба роҳ мондааст. Бо азму талошҳои пайгиронаи Сарвари маҳбуби Ватанамон Тоҷикистон дар дунё ҳамчун давлати ташаббускори ҳалли як қатор масъалаҳои хусусияти глобалидошта эътироф шудааст. Бо шарофати хизматҳои хастанопазири ин абармарди саҳнаи сиёсат Тоҷикистонро ҷаҳон шинохт, миллати тоҷик дар дунё муаррифӣ гашт, овози тоҷик ба гӯши аҳли башар расид ва садои тоҷик аз минбарҳои баланди созмону ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ танинандоз гашт. Ҷойи фахр аст, ки аксарияти ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ҳалли масъалаҳои глобалии сайёра, хосатан оид ба оби тоза, таъмини амният ва дигар мушкилоти экологӣ аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид бо қаноатмандӣ қабул шудаанд. Давлати Тоҷикистон муаллифи чор ташаббуси бузург дар соҳаи об, аз ҷумла «Соли байналмилалии оби тоза 2003», «Даҳсолаи амалиёти байналмилалии «Об барои ҳаёт» солҳои 2005-2015», «Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об, соли 2013», «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» солҳои 2018-2028» мебошад, ки имрӯз дар сатҳи ҷаҳонӣ пазируфта ва амалӣ шуда истодааст.

Хизматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти эҳё ва эҳтироми суннату арзишҳои миллӣ, зинда гардонидани номи шахсиятҳои барҷастаи таърихӣ, муттафакирони оламшумули тоҷику форс, чеҳраҳои шинохтаи динӣ ва аҳли илму адаб беназиранд. Иқдомҳои амалинамудаи Пешвои миллат дар ин ҷода беихтиёр ба шинохт ва эътирофу эҳтироми дастовардҳои таърихии миллати тоҷик, гиромидошти мероси бою пурғановати ниёгонамон, густариши ҳуввияти миллӣ ва боло рафтани ғуруру нангу номуси меҳанпарастӣ мусоидат намуданд.

## БУНЁДИ ДАВЛАТИ ИҶТИМОӢ

Яке аз ҳадафҳои асосӣ ва меҳвари фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар солҳои истиқлолияти давлатӣ ин бунёди давлати иҷтимоӣ ва зина ба зина боло бурдани сатҳу зинадагонии мардуми кишвар ташкил медиҳад. Дар пайвандӣ ба ин масъала мо шоҳиди ҳолем, ки яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ғамхоронаи Ҳукумати кишварро ин таъмини шароити арзанда ва муносиби зиндагонии хуррам ва пурнишоти мардуми кишвар, дастгирии ҳамешагии маъюбону ятимон, бепарасторону бенавоён ва кафолати таъмини ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд такшил медиҳад. Бо қаноатмандӣ ва изҳори хушнудӣ месазад қайд намуд, ки мардуми сарбаланду заҳматкаши тоҷик дар асоси роҳандозии сиёсати бобарор ва дурбинонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми самтҳои фаъолияти давлатӣ ба дастовардҳои беназир арзишманд муваффақ гашт. Дар заминаи амалисозии ин ҳадафҳои олӣ сабади истеъмолии мардуми кишвар ғанӣ гашта ба ҳар як хонадони тоҷик дастурхони пур аз нозу неъмат таъмин гардидааст. Гузашта аз ин, бунёду таъмир ва ба истифода додани роҳу нақбҳои нав барои раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ мусоидат намуда, имкон фароҳам овард, ки дар чор фасли сол миёни тамоми минтақаҳои кишвар рафту омади сокинони он таъмин карда шавад. Бунёди роҳҳои байналмилалӣ барои пайвастшавии бемайлони Тоҷикистон ба кишварҳои дунё ва бозори ҷаҳонӣ заминаҳои мусоид фароҳам овард.

Аз файзу баракати Истиқлоли давлатӣ ва самараи Ваҳдати миллӣ бо шарофати хизматҳои содиқона, ҷонфидоиву фаъолияти сарбаландона ва иқдому ташаббусҳои неки созанда ва ҳидоятҳои ҷавонмардонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мардуми шарифу сарбаланд, меҳнатдӯсту тамаддунофар, фарҳангсолору матинироdaи тоҷик, дар роҳи расидан ба ҳадафҳои стратегии мамлакат – таъмини истиқлолияти энергетикӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва саноатикунонии босуръати иқтисодиёти мамлакат қадам ба қадам гомҳои устувор гузошта истодааст.

Моро зарур аст, ки бо дарназардошти вазъи мураккаби ҷамъиятию сиёсии ҷомеаи ҷаҳонӣ, таъсири паёмадҳои ногувори раванди ҷаҳонишавӣ ва таҳаввулотҳои босуръат тағйирёбандаи замони муосир беш аз ҳар вақти дигар атрофи сиёсати бобарори Пешвои муаззами миллат муттаҳид гашта, ҷиҳати таҷлили сазовори бузургтарин ҷашнвораи миллӣ - 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳифзу гиромидошти Ваҳдати миллӣ корҳои созандагиву бунёдкориро вусъат бахшида, самаранок меҳнат кунем ва ҳамеша даст ба кор бошем.

**Қабули аъзои нави СҲШ – Покистон ва Ҳиндустон (соли 2017)**

**Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ, дарҳои худро ба рӯи кишварҳои олам боз кард ва бо эълони «сиёсати дарҳои кушод» равобити байналмилалиро баҳри муаррифии Тоҷикистон дар ҷаҳон ва ҷалби сармояи хориҷӣ барои бозсозии кишвар оғоз намуд. Ин сиёсат боис шуд, то кишвари мо натанҳо мақом ва нуфузи худро дар арсаи байналмилалӣ қавитар созад, балки бо ёфтани равиши хоси дипломатия, дар ҳалли масоили минтақавӣ ва ҷаҳонӣ фаъолона иштирок намояд.**



**Исматулло РАҶАБОВ**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ**

# ДИРӮЗУ ИМРӮЗИ СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ



**Ҷумҳурии Тоҷикистон бо талошҳо ва заҳматҳои шабонарӯзии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун кишвари фаъолу ташаббускор шинохта шудааст. Ин нуфузу ташаббусҳо ба Тоҷикистон имкон дод, ки ҳамкориҳои худро бо созмонҳои байналмиллалӣ ва минтақавӣ ба таври густурда ба роҳ монад.**

Яке созмонҳои бонуфузи минтақавӣ Созмони Ҳамкории Шанхай ба ҳисоб меравад, ки фаъолияташ аз соли 2001 шурӯъ гардида, дар асоси Созишномаи байни Ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии халқии Хитой басташуда фаъолият мекунад. Дар як муддати кутоҳ СҲШ тавонист аз механизми машваратии панҷ давлати ҳамсоя дар самти ҳалли масъалаҳои марзӣ ва таҳкими чораҳои эътимоди дар соҳаи ҳарбӣ миёни давлатҳои аъзо ба як ташкилоти бонуфуз табдил ёбад.

Давлатҳои аъзои СҲШ 16-17 сентябри соли ҷори 20-солагии таъсисёбии созмони мазкурро таҷлил менамоянд.

Ҳамчунин дар ҷаласаи васеи созмон, ки соли 2017 баргузор гардид, қарор дар бораи ворид намудани ду давлатӣ нави аъзо – Ҳиндустон ва Покистон қабул гардид, ки аллакай давлатҳои зикргардида ҳамчун узви комилҳуқуқи ин созмони минтақавӣ ба шумор мераванд.

Дар айни замон Созмони Ҳамкории Шанхай аз 8 давлати аъзо иборат мебошад: Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ҷумҳурии халқии Хитой, Федератсия Россия, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии исломии Покистон ва Ҳиндустон.

Давлатҳое, ки ба ҳайси нозир пазируфта шудаанд Ҷумҳуриҳои Белоруссия ва Муғулистон, Ҷумҳуриҳои исломии Афғонистон ва Эрон мебошанд.

Мақсад ва вазифаҳои асосии Созмон аз инҳо иборат мебошад: а) мустаҳкам кардани боварии тарафайн, дӯстӣ ва ҳамсоягии нек байни кишварҳои аъзо; б) ташаккули ҳамкории серсоҳа ба мақсади дастгирӣ ва мустаҳкам кардани сулҳ; в) муқовимати якҷоя бо терроризм, экстремизм ва сепаратизм; г) ёрии байниҳамдигари оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; д) дастгирӣ ва васеъ намудани муносибат бо дигар кишварҳо ва ташкилотҳои байналхалқӣ; е) ҷустуҷӯи якҷояи ҳалли проблемаҳое, ки дар асри XXI ба вуқӯъ меоянд ва ғайра.

Хулоса, ҶТ яке аз ташаббускорони таъсиси СҲШ ба ҳисоб рафта, дар амалигардонии мақсаду ҳадафҳои созмони мазкур нақши муҳимро анҷом меди ҳад. Ҳамчунин ҳамроҳ гардидан ба ташкилотҳои бонуфузи минтақавӣ ва байналмилалӣ боиси баланд гардидани нуфузу эътибори кишвар гардида, ҷомеаи ҷаҳонӣ кишвари моро ҳамчун давлати фаъол дар самти таъмини сулҳ ва амнияти башарият мешиносад.



# ИСТОРИЯ ВОЗНИКНОВЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ШОС



**Нуриннисо ОДИНАЕВА**
**ассистент кафедры международного права**

В современной системе международных отношений заметную роль играют региональные международные организации, что является отражением растущей тенденции взаимозависимости государств и необходимости решения задач их экономического развития и обеспечения безопасности. В этой связи создание Шанхайской организации сотрудничества (ШОС) стало ответом на изменение геополитической ситуации в Центральной Азии после распада СССР и усиление угроз региональной системе безопасности. ШОС является постоянно действующей межправительственной международной организацией, о создании которой было объявлено 15 июня 2001 года в Шанхае (КНР) Республикой Казахстан, Китайской Народной Республикой, Кыргызской Республикой, Российской Федерацией, Республикой Таджикистан, Республикой Узбекистан.

9 июня 2017 года полноправными членами ШОС стали Индия и Пакистан.

В июне 2002 года на Санкт-Петербургском Саммите глав государств-членов ШОС, была подписана Хартия Шанхайской организации сотрудничества, которая вступила в силу 19 сентября 2003 года. Это базовый уставный документ, фиксирующий цели и принципы организации, её структуру и основные направления деятельности. Первыми документами, принятыми ШОС, стали «Декларация о создании Шанхайской организации сотрудничества», «Шанхайская конвенция о борьбе с терроризмом, сепаратизмом и экстремизмом» и «Совместное заявление о подключении Узбекистана к механизму Шанхайской пятёрки».

Высшим органом для принятия решений в ШОС является Совет глав государств-членов (СГГ). Он собирается раз в год и принимает решения и указания по всем важным вопросам Организации. Совет глав правительств (премьер-министров) государств-членов ШОС собирается один раз в год для обсуждения стратегии многостороннего сотрудничества и приоритетных направлений в рамках Организации, решения принципиальных и актуальных вопросов экономического и иного сотрудничества, а также утверждает ежегодный бюджет Организации. Официальными языками ШОС являются русский и китайский языки.

Республика Таджикистан придает важное значение взаимодействию в рамках данного объединения. С вхождением нашей страны в ШОС открылись новые, перспективные направления многостороннего сотрудничества в сфере безопасности, экономики и культурно-гуманитарного взаимодействия. Председательство Таджикистана в ШОС проходит под девизом «Сотрудничество, Соразвитие, Сопроцветание».

Под председательством Республики Таджикистан были проведены заседания Совета национальных координаторов ШОС, консультации между министерствами иностранных дел государств-членов ШОС по различным вопросам деятельности Организации, встречи на уровне экспертов пограничных служб, 24-ое заседание Совета Региональной антитеррористической структуры (РАТС) ШОС, очередное заседание рабочей группы экспертов по совершенствованию договорно-правовой базы сотрудничества. Значимым событием стало проведение 30-31 июля 2014 года в г. Душанбе заседания Совета министров иностранных дел государств-членов ШОС.

Необходимо отметить, что дальнейшее углубление и расширение отношений в рамках ШОС отвечает национальным интересам не только Таджикистана, но и всех участников Организации.

**Масоҳати умумии давлатҳои аъзои СҲШ – 34 млн. км$^2$**

# ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА ВАҲДАТ – КОМЁБИИ МИЛЛАТ



Далер РАҲМОН
судяи суди н. Синои шаҳри Душанбе

Дар таърихи давлату миллатҳои ҷаҳон рӯйдодҳои муҳимме мавҷуданд, ки аҳаммият ва мақоми онҳо бо гузашти солҳо ҳамчун сарвати миллӣ баландтар мегардад.

Истиқлолияту озодӣ дар охири асри гузашта, барои миллати тоҷик дастоварди бузургтарин ва андешаи муқаддаси миллӣ ва эҳёи навини давлатдории тоҷикон ба шумор меравад. Истиқлолият, озодӣ, Ваҳдати миллӣ, давлатдорӣ ва амнияти миллӣ арзишмандтарин неъмат мебошанд, ки шукргузории бепоёнро аз ҳар як фарди кишвар талаб мекунад.

Дар солҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ мавҷудияти Тоҷикистон ҳамчун давлати алоҳида дар ҷаҳон бо таъсири қувваҳои хориҷӣ ва дохилӣ зери суол монда буд. Ватани маҳбуби мо ба гирдоби шадиди ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд.

Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон дар давраи бағоят мушкил ва вазъи душвори сиёсии ҷомеа баргузор шуд. Вазифа ва ҳадафҳое, ки пешорӯи ин Иҷлосияи таърихӣ меистоданд ин нигоҳдошти давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, таъмини ҳар чи зудтари сулҳу ваҳдат, наҷот додани миллат аз вартаи бӯҳрони иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, нигоҳ доштани якпорчагӣ ва давлати мустақили тоҷикон, омода намудани шароит ва заминаҳои мусоид барои барқарор намудани ҳоҷагии халқ, ки бар асари ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва инкишофи рушди минбаъдаи Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Хушбахтона, баъди баргузории Иҷлосияи мазкур тахти роҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, сохторҳои қудратии мамлакат, ки дар ҳоли фалаҷ қарор доштанд, аз сари нав эҳё шуда, парчаму нишони давлатӣ қабул ва артиши миллӣ ташкил гардида, заминаи сулҳи миллиро гузошт.

Инчунин дар Тоҷикистон бо тариқи райъпурсии умумихалқӣ Конститутсия қабул ва Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон интихоб гардид, ки маҳз заминаи асосии расидан ба сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ мебошад.

Дар натиҷаи заҳмату талошҳои зиёд хушбахтона, санаи 27 июни соли 1997 сулҳи деринтизори тоҷикон рӯи кор омада, Ваҳдати миллӣ, ягонагию амнияти Ватани маҳбубамон таъмин гашт.

Маҳз натиҷаи фаъолияти хастанопазири Пешвои миллат боиси қабул гардидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ гардида, дар ин марҳилаи таърихӣ як қатор мушкилотҳои асосии давлату давлатдорӣ бартараф гардиданд. Аз ҷумла, тамоми гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ ба Ватан баргаштанд, азнавсозии сохторҳои низоми давлатдорӣ ба миён омад, ба Конститутсияи ҶТ тағйиру иловаҳо ворид гардид, парламенти касби таъсис дода шуд ва ғайра. Ҳамин тавр, дар роҳи ба ҳам омадани миллати тоҷик ва мардуми Тоҷикистон шароитҳои арзанда фароҳам оварда шуд.

Дар воқеъ, қаҳрамониву азхудгузаштанҳои роҳбари маҳбуби сарвари давлат буд, ки миллати тоҷик аз парокандагӣ ва азбайнравии давлатдории миллӣ хеш наҷот ёфта, Ваҳдати миллӣ миёни мардуми тоҷик танинандоз гардид.

Таҷрибаи сулҳу ваҳдати миллии тоҷикон дорои аҳамияти бузурги миллӣ ва ҷаҳонӣ мебошад, чунки аз як тараф он миллати тоҷикро муттаҳиду сарҷамъ намуда, ба рушди давлатдории миллӣ мусоидат намуд ва аз тарафи дигар, ҳамчун намуна барои ҳалли проблемаҳои ҷаҳонӣ ва ҳалли ихтилофҳои дохилидавлативу байнидавлатӣ истифода бурда мешавад.




# РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ АСЪОР



Хуршед КАРИМОВ
ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат

## ПРИНСИПҲОИ МУНОСИБАТҲОИ БОЗОРӢ

Соли 1991 мамлакати мо яке аз аввалинҳо шуда, гузаришро ба принсипҳои муносибатҳои бозорӣ шуруъ кард. Мутаассифона, бо оғози ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ин ҳадафҳои ҳукумати мамлакат амалӣ нагардид. Минбаъд, баробари ба эътидол даромадани вазъи сиёсии кишвар, дар самти рушди муносибатҳои иқтисодӣ зарурати қабули санадҳои дахлдори ҳуқуқӣ ба миён омад. Бинобар ин, 3 декабри соли 1994 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои аввалиндараҷаи таъмиқи бозсозиҳои иқтисодӣ ва тезонидани ҷараёни гузариш ба муносибатҳои бозорӣ” қабул гардид, ки ба сифати заминаи ҳуқуқии рушди чунин муносибатҳо баромад мекунад.

## МАРҲИЛАИ СИФАТАН НАВ

Ҳамчунин, барои татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ асъори миллӣ-рубли тоҷикӣ ба муомилот бароварда шуд, ки заминаи онро қарори Ҳукумати ҶТ аз 4 майи соли 1995, № 319 «Дар бораи ҷорӣ намудани асъори миллӣ» ташкил медиҳад. Ин марҳилаи сифатан нав дар инкишофи муносибатҳои бозорӣ ба ҳисоб мерафт.

Дар ин раванд, аз 31 марти соли 2000, № 247 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маҳдуд кардани дахолати маъмурӣ ба фаъолияти бозори асъорӣ ҶТ» баромад, ки маълумот оид ба амалиёти дар Биржаи байнибонкии асъори Тоҷикистон суратгиранда ба мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ доир ба парвандаҳои ҷиноятии оғозгардида ва дар истеҳсолоти онҳо буда, дар асоси қарори таҳқиққунанда ва муфаттиш, ки мутобиқан аз ҷониби Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, прокурори вилоят, шаҳру ноҳия тасдиқ гардидааст, дода мешаванд.

## СОЛИ 2000 ПУЛИ МИЛЛӢ БА МУОМИЛОТ БАРОМАД

Моҳи октябри соли 2000 бошад, пули миллӣ — сомонӣ ба муомилот бароварда шуд, ки ин тадбир низоми нави пулии мамлакатро дар пояи анъанаҳои миллию фарҳангии халқамон асос гузошт. Дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2000, №426 «Дар бораи ба муомилот баровардани пули миллии СОМОНӢ» муқарар гардид, ки аз 30 октябри соли 2000 СОМОНӢ воҳиди пулии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шавад ва муқаррар гардад, ки 1 СОМОНӢ ба 100 ДИРАМ баробар аст. Барои ноустувор нагардидани бозори асъор рубли нақдинаи тоҷикӣ то 1 апрели соли 2001 дар муомилоти озод монд.




## АСЪОР – ПУЛИ МИЛЛИИ МАМЛАКАТҲОИ ХОРИҶӢ

Ба имзо расидани Қонуни ҶТ аз 13 июни соли 2013, № 964 «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мукаммал гардидани қонунгузории асъор такони ҷиддӣ дод. Чунки дар моддаи 1 ин қонун дарҷ гардид, ки асъор - пули миллии мамлакатҳои хориҷӣ буда, пули миллӣ - сомонӣ, ки як воҳиди он ба 100 дирам баробар аст.

## ПУЛИ МИЛЛӢ – СОМОНӢ

Ҳамин тавр, хулоса намудан мумкин аст, ки нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар танзими муносибатҳои асъорӣ ва рушди қонунгузории соҳаи мазкур аввалиндараҷа арзёбӣ мегардад.

**Аҳолии кишварҳои узви СХШ – 3,4 миллиард нафар**

# ТОҶИКИСТОН ВА ҶОЙГОҲИ ОН

**Замони мо – замони муттаҳид сохтани саъю талошҳо ва ба ҳам овардани кӯшишҳои муштарак дар самти ҳаллу фасли масоили умдаи инсоният аст, ки созмонҳои минтақавию байналмилалӣ таҷассумгар ва ҳамоҳангсози чунин фаъолиятҳо мебошанд. Аз ин ҷост, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол дар кори ин созмонҳо ширкати фаъолона дошта, хоҳони густариши ҳамкорӣ бо онҳост.**

**Эмомалӣ Раҳмон**



**Дилшод РАҲМОН**
**декани факултети ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор**

Созмони ҳамкории Шанхай (минбаъд – СҲШ) яке аз ташкилотҳои муҳимми минтақавию ҷаҳонӣ ба шумор меравад, ки аз лиҳози вусъати қаламрав, гуногунии забон, фарҳангу тамаддун ва таъмини амнияти байналмилалӣ, равобити ҳамкориҳои мутақобила байни аъзо ва бо дигар давлатҳо дар арсаи байналмилалӣ, чун созмони нодир ба ҳисоб рафта, айни замон дар минтақа ва ҷаҳон саҳми арзандае дорад.

## ПАНҶГОНАИ ШАНХАЙ

**Дар таъсис ёфтани СҲШ таҳкурсии асосиро дар баробари фаъолияти «Панҷгонаи Шанхай», ки дар асоси Созишнома байни Ҷумҳурии Қазоқистон, Қирғизистон, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар бораи таҳкими чораҳои боварӣ дар соҳаи ҳарбӣ дар минтақаи сарҳад аз соли соли 1996 ва дар бораи ихтисори муштараки қувваҳои мусаллаҳ дар минтақаи сарҳад аз соли 1997 ташкил шуда буд, боз як гурӯҳи омилҳои зерин гузоштаанд:**

**– Пайдо намудани як модели нави равобити мутақобила байни давлатҳои ҳамсоя, аз ҷумла Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон;**

**– Аз байн бурдани таҳдидҳои амниятие, ки ба Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Халқии Хитой ва давлатҳои Осиёи Миёна равона шудаанд;**

**– Тағйирёбии низоми сиёсии олам, ки аз байн рафтани ИҶШС олами дуқутбаи муносибатҳои байналмилалӣ мувозинати хешро то ҷое гум карданд, инчунин мувофиқ омадани муносибатҳои мамлакатҳои бузург дар фазои муайян (ФР, ҶХХ ва давлатҳои Осиёи Миёна), ёфтани механизми навъи баромадан аз проблемаи сиёсиву иқтисодии олам, ки ба табиати СҲШ вобастааст;**

**– Мутобиқ намудани муносибатҳои байни давлатҳои аъзо;**

**– Пайдо намудани роҳҳои беҳтар оид ба ҳифзи сарҳад.**

**Дар умум заминаи таърихӣ-ҳуқуқиро маҳз вохурии сарони кишварҳо ва қабули Созишномаҳо давоми солҳои 1996-1997 дар шаҳрҳои Шанхайи Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Маскави Федератсияи Русия ташкил медиҳанд, ки маҳз он асоси ба вуҷуд омадани механизми нав, ба монанди «Панҷгонаи Шанхай» ва муносибатҳои дӯстонаву ҳамкориҳои мутақобилона гашт.**



## СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ

**15 майи соли 2001 дар ҷашни панҷсолагии «Ҳамоиши панҷгона» дар шаҳри Шанхай барои боз ҳам ба сатҳи баланд бардоштани механизми мазкур, Ислом Каримов Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон нуқтаи назари худро оид ба инкишоф додани муносибатҳои шашгона иброз намуд. Пешниҳоди мазкур аз ҷониби сарони панҷгона пазируфта шуд ва аз ҷониби сарони давлатҳои шашгона Декларатсия, ки моҳияти он ба ташкил намудани ташкилоти минтақавӣ бо номи "Созмони Ҳамкории Шанхай" асос гузошт, қабул карда шуд.**

**Дар баробари Декларатсия «Дар бораи таъсис додани СҲШ», Хартияи СҲШ амал мекунад, ки соли 2002 дар шаҳри Санкт-Петербурги Русия зимни вохурии сарони давлатҳои аъзои СҲШ қабул гардидааст. Санади мазкур мақсад ва фаъолияти СҲШ (моддаи 1), принсипҳои фаъолияти СҲШ (моддаи 2), самтҳои ҳамкориҳои аъзои давлатҳои СҲШ (моддаи 3), мақомоти муассисавии СҲШ, ба монанди Шӯрои сарони давлатҳои аъзои СҲШ (моддаи 5), Шӯрои сарони ҳукуматҳои давлатҳои аъзои СҲШ – сарвазирон (моддаи 6), Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ (моддаи 7), ҳамзамон масъалаҳоро вобаста ба узвият, молия ва ғайра муқаррар менамояд. Хартияи СҲШ 19 сентябри соли 2003 қувваи амал пайдо намуд.**

## ДАВЛАТҲОИ АЪЗОИ СҲШ

Айни замон Созмони ҳамкориҳои Шанхай аз ҳашт аъзо (Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҳиндустон ва Покистон), аз чор давлати нозир (Ҷумҳурии исломии Афғонистон, Ҷумҳурии исломии Эрон, Ҷумҳурии Белорус ва Муғулистон), аз шаш давлати дорои мақоми «ҳамкор-мубоҳисавӣ», (Озорбойҷон, Арманистон, Камбоҷия, Непал, Туркия ва Шри-Ланка) иборат аст. Масоҳати қаламраваш 30 млн километри квадратӣ мебошад. Шумораи умумии аҳолиаш зиёда аз 2 млрд.-у 455 млн. нафар дар соли 2017 ташкил медод, ки аз чаҳор як ҳисаи аҳолии ҷаҳонро ташкил медиҳад.

Мутобиқи моддаи 1-и Хартияи СҲШ фаъолияти он ба рушди ҳамкориҳои судманд дар бахши сиёсат, тиҷорат, мудофиа, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳифзи табиат, фарҳанг, илму техника, маориф, энергетика, нақлиёт, қарзу молия ва дигар соҳаҳо баҳри қонеъ гардонидани талаботҳои худ, равона гардидааст.

## ВАЗИФАҲОИ СҲШ

СҲШ дар доираи таъмини амният чунин вазифаҳоро бар дӯш дорад: нигоҳ доштани устуворӣ дар байни аъзои созмон оид ба боварӣ нисбат ба якдигар, дӯстӣ, ҳамсоягии рафиқона; таъмини амният ва устуворӣ дар минтақа; мубориза бар зидди терроризм, сепаратизм ва экстремизм; роҳ надодан ба хариду фурӯши ғайриқонунии моводи мухаддир, аслиҳа ва дигар намуди ҷиноятҳои трансмиллӣ, инчунин муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва ғайра мебошад. Инчунин, созмони мазкур масъулияти ба вуҷуд овардани роҳҳои афзоиши ҳамкориҳо дар соҳаи иқтисодиёт, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушд додани соҳаи фарҳанг, инчунин ҳамоҳанг сохтани муносибатҳо дар соҳаи рушди иқтисодии бозоргонӣ ва ғ.-ро бар дӯш дорад.

Маврид ба тазаккур аст, ки СҲШ дар баробари он, ки ҳамчун созмони минтақавӣ дорои мақоми назаррас аст, ҳамзамон дар сатҳи универсалӣ соҳиби обрӯву нуфузи баланд мебошад. Далели ин гуфтаҳо дар он аст, ки созмони мазкур моҳи декабри соли 2004 дар Ассамбляи Генералии СММ мавқеи ташкилоти «нозир»-ро соҳиб гардид. Инчунин, ниҳоди ишорашуда соли 2005 меморандуми ҳамдигарфаҳмиро АСЕАН, ИДМ ва Кумитаи интегратсионии Авруосиё ба имзо расонид.

## ШӮРОИ САРОНИ ДАВЛАТҲО

**Маълум аст, ки ҳар як созмону ташкилоти байналмилалӣ дорои мақомоти худ мебошад, ки СҲШ аз ин истисно буда наметавонад. Яке аз мақомоти асосии онро Шӯрои сарони давлатҳо ташкил медиҳад. Шӯрои сарони давлатҳо фуксияҳои худро дар асоси Низомномаи махсуси қабулшуда дар бораи Шӯрои сарони давлатҳо амалӣ менамояд. Инчунин, Шӯрои сарони давлатҳо чунин амалҳоро иҷро менамояд: стратегия ва рушди ҳамкориҳо ва фаъолияти СҲШ-ро муқаррар менамояд; хулоса, коркард ва қабули шартномаҳои байналмилалиро дар доираи СҲШ ба амал мебарорад; масъалаҳои вобаста ба сохтор, функсияҳои СҲШ ва мақомоти доимоамалкунандаи он, инчунин ҳамкориҳои СҲШ-ро бо дигар давлатҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ муқаррар менамояд.**

**Шӯрои сарони давлатҳо масъалаи зиёдшавии ҳайати аъзои СҲШ-ро ҳал менамояд, барои дигар давлатҳо ё ташкилотҳои байналмилалӣ мавқеи «шарик барои мубоҳиса» ё мавқеи «тарафи нозир»-ро медиҳад ва аз ин мавқеъ маҳрум менамояд. Инчунин, Шӯрои сарони давлатҳо дар асоси моддаи 13 Хартияи СҲШ метавонад, аъзогии давлатро боздорад ё аз аъзогӣ маҳрум созад. Шӯро фаъолияти худро дар шакли маҷлиси навбатӣ ва ғайринавбатӣ амалӣ менамояд. Шакли навбатии Шӯрони сарони давлатҳо дар як сол як маротиба дар ҳар давлати аъзо бо навбат гузаронида мешавад.**

## ШӮРОИ САРОНИ ҲУКУМАТҲО

Шӯрои сарони ҳукуматҳои СҲШ аз ҷумлаи мақомоти марказии ин ниҳод ба ҳисоб меравад, ки дар ҳаллу фасли масъалаҳои мубрам саҳми назаррас мегузорад. Фаъолияти Шӯрои сарони ҳукуматҳо дар асоси моддаи 6 Хартияи СҲШ ва Низомнома «Дар бораи Шӯрои сарони ҳукуматҳо» ба роҳ монда мешавад. Аммо, дар ин санадҳо мавқеи ҳуқуқии мақомоти Шӯрои сарони ҳукуматҳо

# ДАР СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ

муқаррар нашудааст, мисли ИДМ, ки дар он ҳам мавқеи мақомоти номбурда муқаррар нагардидааст.

Шӯрои мазкур бечети СҲШ-ро тасдиқ намуда, масъалаҳои марбут ба рушди ҳамкориҳоро дар самти иқтисодиёт муайян менамояд. Бастан ва қатъ намудани шартномаҳои байни давлатҳои аъзо, тасдиқ намудани сохтор ва ҳайати коргарони мақомоти ҳамкориҳои минтақавӣ оид ба мубориза бар зидди терроризм, инчунин баррасӣ намудани гузаронидани маҷлиси Шӯрои сарони вазоратҳо ё идораҳо низ ба салоҳияти ин Шӯро вогузор карда шудааст.

Маҷлиси Шӯрои сарони ҳукуматҳо дар як сол як маротиба дар қаламрави давлатҳои аъзо гузаронида мешавад (мустақилона Шӯрои сарони ҳукуматҳо маҳалли гузаронидани маҷлис муайян менамоянд). Раискунандаи маҷлиси Шӯрои сарони ҳукуматҳо он сарвазире мебошад, ки дар қаламрави он маҷлис гузаронида мешавад.

## ШӮРОИ ВАЗИРОНИ КОРҲОИ ХОРИҶӢ

**Дар низоми мақомоти СҲШ ҷойгоҳи махсусро Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ ишғол менамояд. Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ дар асоси моддаи 7 Хартияи СҲШ ва Низомнома дар бораи Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ фаъолияти худро ба роҳ мемонад. Шӯрои мазкур дорои вазифаҳои зерин мебошад: таъмини умумии мутобиқнамоӣ ва амалишавии хулосаҳои мақомоти СҲШ барои баррасии Шӯрои сарони давлатҳо ва Шӯрои сарони ҳукуматҳо ҷиҳати баррасӣ пешниҳод менамояд; барои рушди ҳамкориҳои бисёртарафаи СҲШ ва таъмини фаъолияти беҳтарини СҲШ чораҳо меандешад. Инчунин, Шӯрои вазирони хориҷӣ дархостҳоро дар бораи ба узвияти СҲШ қабулшуда, узвиятро бекор ё қатъ намудани узвият ба Шӯрои сарони давлатҳои аъзо пешниҳод менамояд. Дархости давлатҳо ё ташкилотҳои байналмилалиро дар бораи гирифтани мавқеи «тарафи нозир» ё мавқеи «шарик барои мубоҳиса» ба Шӯрои сарони давлатҳои аъзо пешниҳод менамояд.**

**Маҷлиси сарони вазоратҳо ё идораҳо фаъолияти худро дар асоси қатъномаҳои Шӯрои сарони давлатҳо ва Шӯрои сарони ҳукуматҳо амалӣ менамояд. Фаъолияти Маҷлиси сарони вазоратҳо ё идораҳоро моддаи 8 Хартияи СҲШ ва низомномаи махсус қабулшуда дар бораи Маҷлиси сарони ҳукуматҳо ё идораҳо танзим менамояд. Санадҳои номбурда мавқеи Маҷлиси сарони вазоратҳо ё идораҳоро муқаррар нанамудааст, аммо дар асоси салоҳиятҳо ва фуксияҳои он метавон ҳамчун мақомоти ёрирасони СҲШ номбар намоем.**

## ШӮРОИ ҲАМОҲАНГСОЗОНИ МИЛЛӢ

Новобаста аз он, ки мавқеи Шӯрои ҳамоҳангсозони миллӣ дар санадҳои дахлдор муқаррар нашудааст, вале он яке аз мақомоти муҳимми ёрирасони СҲШ ба ҳисоб меравад. Шӯрои ҳамоҳангсозони миллӣ дар фаъолияти худ ҳамчун дастур чунин санадҳоро ба роҳбарӣ мегирад: Хартияи СҲШ, санадҳои Шӯрои сарони давлатҳо, Шӯрои сарони ҳукуматҳо ва Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ.

## КОТИБОТИ СҲШ

Котибот яке аз мақомоти иҷроияи доимоамалкунанда ва маъмурии СҲШ ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷост, ки дар ҷашни панҷсолагии СҲШ, Шӯрои сарони давлатҳои аъзо, 15 июни соли 2006 қарордод дар бораи баланд бардоштани мавқеи Котиботи СҲШ-ро дар низоми мақомоти ин ниҳод қабул карданд. Вазифаи сардори Котибот ба Котиботи Генералии СҲШ иваз карда шуд. Фаъолияи Котиботи СҲШ-ро моддаи 11 Хартияи СҲШ ва Низомнома дар бораи Котиботи СҲШ танзим менамояд.

Мувофики қисми 1 моддаи 3 Низомнома дар бораи Котиботи СҲШ «Котиботи СҲШ ҳуқуқ дорад аз номи худ аҳдҳои гражданӣ банданд, дорандаи моликияти манқул ва ғайри манқул бошад, дар суд ба ҳайси даъвогар ва ҷавобгар бaромад намояд, амалиётҳои бонкиро анҷом диҳад ва суратҳисоби худро кушояд».

Сохтори Котибот аз се муовин ва ёрдамчӣ иборат аст. Муовини Котиботи Генералӣ ба мӯҳлати ду сол бо ҳуқуқи зиёд кардан ба мӯҳлати дувоздаҳ моҳ аз ҷониби Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ бо пешниҳоди Шӯрои ҳамоҳангсозони миллӣ тасдиқ карда мешавад. Боиси қайд аст, ки муовини Котиботи Генералӣ наметавонад он шаҳрванди давлате, ки Котиботи Генералӣ таъин шудааст, интихоб шавад.

Нақши муҳимро дар фаъолияти Котиботи СҲШ намояндагони доимии давлатҳои аъзо ишғол менамоянд. Онҳо ба ҳайати кории Котибот дохил намешаванд. Мавқеи онҳо ба мисли дигар намояндагони давлатҳо дар ташкилотҳои байналмилалӣ баробар аст, аз ҷумла мисли ИДМ ва СММ.




## МАСУНИЯТ ВА ИМТИЁЗҲОИ СҲШ

СҲШ ҳамчун ташкилоти байналмилалӣ дорои масуният ва имтиёзҳои хеш аст. Масуният ва имтиёзҳои ин ниҳод сарчашмаи худро аз моддаи 19 Хартияи СҲШ мегиранд, ки дар он омадааст: “СҲШ ва ҳайати кормандони вазифадори ӯ дар қаламрави давлатҳои аъзо аз он масуният ва имтиёзҳое истифода мебаранд, ки барои амалӣ намудани функсияҳои кории худ ва расидан ба мақсадҳои СҲШ зарур аст”. Масуният ва имтиёзҳои СҲШ-ро Конвенсия “ Дар бораи масуният ва имтиёзҳои СҲШ” муқаррар менамояд. Конвенсияи мазкур 17 июни соли 2004 дар ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзо қабул гардид.

Конвенсияи СҲШ оид ба масуният ва имтиёзҳои СҲШ ба мӯҳлати номуайян қабул шудааст ва дар сурати аз тарафи давлати аъзои охирини СҲШ грамотаи ратификатсияро ба Котиботи СҲШ пешниҳод намудан, баъд аз 30 шабонарӯз ба қувваи қонунӣ медароad. Конвенсия ба давлати аъзо то он вақте , ки аъзои СҲШ аст, амал менамояд.

Конвенсияи СҲШ дар бораи масуният ва имтиёзҳои СҲШ аз принсипҳои умумиэътирофшуда ва меъёрҳои чунин санадҳо иборат аст: Конвенсияи СММ дар бораи масуният ва имтиёзҳои СММ аз соли 1946, Конвенсияи Вена дар бораи муносибатҳои дипломатӣ аз соли 1961, Конвенсия Вена дар бораи муносибатҳои консулӣ аз соли 1963, инчунин Хартияи СҲШ аз 7 июни соли 2002.

Маҳақи асосии фаъолияти ҳамаи ташкилотҳои байналмилалӣ ин бучети он мебошад, ки барои амалӣ намудани функсияҳои он хизмат менамояд. Аҳамияти муҳимми бучети ташкилоти байналмилалӣ дар он аст, ки бе пардохти аъзоҳақӣ ба бучаи он, ташкилоти байналмилалӣ фуксияҳои худро иҷро карда наметавонад.

## БУҶАИ СҲШ

Буҷаи СҲШ ба мӯҳлати як сол аз тарафи Шӯрои сарони давлатҳои аъзо тасдиқ карда мешавад. Буҷаи СҲШ аз 1 январ то 31 декабр амал менамояд. Давлатҳои аъзо аъзоҳақии худро ба бучет бо асъори доллари ИМА пардохт менамоянд. Мутобиқи моддаи 12 Хартияи СҲШ, бучети СҲШ барои маблағгузории мақомоти доимоамалкунанда равона карда шудааст.

Маълум мешавад, ки ҳар яке аз ниҳодҳои СҲШ дар ташаккул ва рушди ин ташкилоти минтақавӣ саҳми назарраси худро мегузоранд ва дар заминаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулшуда фаъолияти худро ба амал мебароранд.

## ТОҶИКИСТОН ЯКЕ АЗ АСОСГУЗОРОНИ СҲШ

**Мавриди ба тазаккур аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни давлатҳои аъзои СҲШ ҷойгоҳи махсусро соҳиб буда, яке аз асосгузорони механизми “Панҷгонаи Шанхай” ва таъсисдиҳандагони ин ниҳод ба ҳисоб меравад. Иштироки фаъоли Тоҷикистон дар СҲШ ба хотири таҳкими муносибатҳои неки ҳамсоягӣ, равобити боэътимод ва дӯстона дар байни давлатҳои аъзо ва нозир, инчунин таъмини амнияту оромӣ, рушди устувори иқтисодӣ дар минтақа ва таҳкими робитаҳои фарҳангӣ мебошад.**

**Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои фаъолияти СҲШ ду маротиба ба сифати давлати раисикунанда дар СҲШ баромад кардааст (солҳои 2007-2008 ва 2013-2014). Соли 2008 дар Ҳамоиши СҲШ дар шаҳри Душанбе сарони давлатҳои аъзо Низомнома дар бораи мақоми шарики муҳоибавии СҲШ-ро қабул намуданд, ки тартиби додани чунин мақомро ба давлатҳо ва созмонҳои байналмилалии манфиатдор ба танзим медарорад.**

Қабули санади мазкур имконият дод то соли 2009 ба Ҷумҳурии Беларус ва Ҷумҳурии Демократии Сотсиалистии Шри-Ланка, соли 2012 ба Ҷумҳурии Туркия, инчунин соли 2015 ба Ҷумҳурии Озарбойҷон, Ҷумҳурии Арманистон, Шоҳигарии Камбоҷа ва Ҷумҳурии Федеративии Непал мақоми шарики муҳоибавии СҲШ дода шавад.

Оид ба натиҷаҳои Ҳамоиши зикршудаи СҲШ дар соли 2008 дар шаҳри Душанбе ҳамчунин сарони давлатҳо тасмим гирифтанд, ки гурӯҳи махсуси коршиносон барои баррасии маҷмӯи масъалаҳои вобаста ба васеъшавии созмон таъсис дода шавад.

12 сентябри соли 2014 бо баргузор намудани Ҳамоиши СҲШ дар шаҳри Душанбе Ҷумҳурии Тоҷикистон даврaи дуюми раисии худро дар СҲШ тахти шиори “Ҳамкорӣ, рушд ва рифоҳи муштарак” ба анҷом расонд. Тибқи Нақшаи чорабиниҳои асосии раисии Тоҷикистон, дар сатҳҳои олӣ, роҳбарони вазорату идораҳо ва дигар сатҳҳо зиёда аз панҷоҳ чорабинии самтҳои гуногуни ҳамкорӣ баргузор карда шуданд, ки дар рушди батадриҷи созмон саҳми сазовори худро гузоштанд.

Қобили қайд аст, ки дар солҳои мавҷудияти СҲШ дар давраи раисии Тоҷикистон бори нахуст ташхиси заминаи шартномавӣ-ҳуқуқии ҳамкориҳо гузаронида шуда, қарорҳои дахлдор қабул гардид. Ҳамчунин Низомнома дар бораи рамзҳои СҲШ, ки тартиби истифода намудани рамзҳои Созмонро ба танзим медарорад, таҳия ва қабул гардид.

Дар ин давра, ҳамчунин лоиҳаи Стратегияи рушди СҲШ то соли 2025, ки дар бораи зарурати таҳияи он яке аз аввалинҳо шуда Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рафти суханронии худ дар Ҳамоиши СҲШ (соли 2010 дар шаҳри Тошканд) изҳор намуда буд, омода карда шуд.

Дар охир метавонд гуфт, ки СҲШ ташкилоти байниҳукуматии минтақавӣ буда, аз доираи амалу фаъолияташ Оинномаи СММ ва принсипҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалиро эътироф ва риоя менамояд. Аъзои он ҳама давлатҳои соҳибихтиёр буда, мухтасар ҳуқуқу уҳдориҳои онҳо, ки мувофиқ ба принсип ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, инчунин ҷавобгӯ ба талаботҳои муносибатҳои байнидавлатӣ дар қарни XXI мебошад, дар санадҳои муассисавии СҲШ (Хартияи СҲШ) ва Созишномаи Бишкек аз 16 августи соли 2006, мустаҳкам гардидааст.

Таъкид кардан бамаврид аст, ки бо кӯшишҳои муштарак давлатҳои аъзои СҲШ ба комёбиҳои зиёде ноил гардидаанд, вале ҷаҳони доимо тағйирёбанда, таҳдиду чолишҳои нав қабули тасмиму иқдомҳои босамареро тақозо менамояд, ки бояд барои нигоҳдории сулҳу субот дар минтақа ва таъмини шароит ҷиҳати рушди устувор ва беҳтаргардонии некуаҳволии иҷтимоии мардумон мусоидат кунанд.



**Ҳикматулло САИДОВ**
**мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ, дотсент**

# ҲАЁТ – ОЛИТАРИН НЕЪМАТ



**Бобоҷон НУРАЛИЗОДА**
**донишҷӯи соли 1**

Ҳаёт олитарин неъмат ва ҳастии инсон аст. Инсон ҳамеша барои зинда мондан ва ҳаёти хушбахтона доштан мубориза мебарад. Чунки инсон бе ҳаёт вуҷуд дошта наметавонад. Бинобар ин муҳиммияти худ, аз қадимулайём ҳуқуқ ба ҳаёт чи дар сарчашмаҳои давлатӣ ва чи ғайридавлатӣ мавриди ҳифз қарор гирифтааст. Масалан, дар асари худ В.В. Мономах гуфта буд, ки “накушед ва куштан нафармоед”. Ин ба он маъност, ки ҳаёти инсон арзиши олист ва онро аз инсон рабудан нашояд. Аммо дар қонунгузории ҷиноятии замони пешин ва амалкунандаи баъзе аз давлатҳо ҳукми қатл мавҷуд аст, ки муқобили ҳуқуқ ба ҳаёт равона гардидааст. Бинобар ин, ҳукми қатл яке аз масъалаҳои баҳснок ба ҳисоб рафта, ҳонгоми содир намудани ҷиноят инсон аз олитарин неъмати худ ҳаёт маҳрум карда мешавад, ки дар натиҷа падару модар, оила ва хешону наздикони ӯ азоби рӯҳӣ кашида, ба онҳо мушкилӣ пеш меояд.

Қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон ва ҳаёти ӯро арзиши олӣ ҳисобида, барои бекор кардани ҳукми қатл тадбирҳои зиёде андешидааст. Ба Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон, ки аз соли 1961 амал мекард, назар афканем барои 44 таркиби ҷиноят ҷазоро дар намуди ҳукми қатл пешбинӣ намуда буд. Кодекси ҷинояти соли 1998 бошад, ин навъи ҷазоро барои 15 таркиби ҷиноят нигоҳ дошт.

Хушбахтона, бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 1 августи соли 2003 Қонуни ҶТ “Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии ҶТ” қабул гардид, ки он шумораи моддаҳоеро, ки ҷазои қатлро пешбинӣ менамуданд ба 5 расонид. Баъди сипарӣ шудани як сол, яъне 15 июли соли 2004 Қонуни ҶТ “Дар бораи боздоштани татбиқи ҷазои қатл” қабул гардид, ки тибқи он дар қаламрави ҶТ ба татбиқи ҷазои қатл маратория эълон карда шуд.

Агар ба таърихи бекор кардани ҷазои қатл назар афканем, маълум мешавад, дар Португалия ин намуди ҷазоро ҳанӯз соли 1867, Венесуэла соли 1864, Голандия соли 1870 ва Коста-Рика соли 1880 бекор карданд.

Дар мамлакатҳои алоҳидаи Шарқи наздик, Амрико, Чин ва дигар давлатҳои ҷаҳон ҷазои ҳукми қатл то ба ҳол мавҷуд мебошад.

Чи тавре дар боло қайд намудем, ҳукми қатл ҷазои шадид буда, оила ва наздикони инсони қатлшаванда азоби рӯҳӣ мекашанд. Аз ин рӯ, инсониятро мебояд, ки аз содир намудани ҷиноят худдорӣ намуда, ба худ ва оилаи худ мушкилотро пеш наоварад

# КОРРУПСИЯ – ЗУҲУРОТИ НОМАТЛУБИ ҶОМЕА



**Раҳимҷон МИРҚОСИМОВ**
**донишҷӯи соли 2**

Коррупсия яке аз зуҳуроти номатлуби ҷомеа буда, унсури таҳдидкунанда ба амнияти миллӣ ва халалдоркунандаи рушду суботи иҷтимоию иқтисодии давлат эътироф гаштааст. Коррупсия яке аз масъалаҳои мушкили замони муосир ба ҳисоб рафта, он садди роҳи рушду инкишофи давлатҳо мегардад. Бинобар ин, ҷомеаи ҷаҳониро зарур омад, ки алайҳи ин зуҳуроти номатлуб чораҳои мушаххаси қонунӣ андешад. Коррупсия дар замонҳои қадим пайдо шуда, имрӯзҳо қариб дар ҳамаи давлатҳои дунё мавҷуд аст. Дар замонҳои қадим мафҳуми “коррупсия” бо истилоҳи вайронкунанда, фасод ва фурӯхтани мансаб маънидод карда мешуд.

Коррупсия – яке аз монеаҳои асосӣ дар роҳи рушди умумимиллӣ, пешрафти иқтисод, беҳбудии иҷтимоӣ, татбиқи муваффақонаи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон маҳсуб мешавад. Он боварии шаҳрвандонро ба давлат коста менамояд ва табақаҳои камбизоати аҳолиро аз имкони комёб шудан ба сатҳи шоистаи зиндагӣ маҳрум мекунад.

Барои пешгирӣ аз ҳама ҷинояту ҷиноятокорӣ ва мубориза бо коррупсия санаи 31 октябри соли 2003 Конвенсияи СММ бар зидди коррупсия қабул шуда, санаи 9 декабри соли 2003 зиёда аз 100 давлати дунё ба Конвенсияи мазкур имзо гузоштанд. Ҳамин тавр, бо ташаббуси СММ ҳамасола 9 декабр ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии мубориза бо коррупсия қайд карда мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба Конвенсияи мазкур 25 сентябри соли 2006 имзо гузошт ва он аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ 16 апрели соли 2008 тасдиқ гардид.

Бо мақсади ташкили мубориза бар зидди коррупсия ва андешидани чораҳои зарурӣ дар сатҳи миллӣ маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардида, доктринаи миллии ҳуқуқӣ дар ин соҳа ташаккул дода шуд.

Ҳамзамон бо мақсади иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ ва ислоҳоти идораи давлатӣ, ташаккули низоми шаффофи фаъолияти мақомоти идоракунӣ, сарфа ва истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ, таъмини рушди устувори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 январи соли 2007, №143 Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.




Барои дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои Пешвои миллат, баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба мақомоти давлатӣ ва бурдани муборизаи самаранок бар зидди коррупсия зарур аст, ки фаъолият дар ин самт бо ҷалби васеи мо ҷавонони ватандӯст, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳар як фарди ҷомеа ба роҳ монда шавад. Мубориза бар зидди коррупсия вазифаи танҳо мақомоти давлатӣ набуда, бояд дар он тамоми ҷомеа иштирок намуда, ин падидаи номатлубро аз ҷомеа пок созанд.

# АМАЛҲОИ ИФРОТИРО МАҲКУМ МЕКУНЕМ!



**Азизхуҷа ХОЛНАЗАРОВ**
**донишҷӯи соли 1**

Имрӯзҳо вазъи ҷомеаи ҷаҳонӣ хеле ташвишовар аст. Мардуми шарифи кишвар шаҳди меваи соҳибдавлатиро баъди ҳазорҳо сол аз нав чашидаанд. Сулҳ дар асоси ободии ҳар кишвар ва манбаи хушбахтии ҳамаи тоифаҳои одамон аст. Дар бисёр ҳолатҳо мушоҳида мешавад, ки ҷавонон аз рӯзҳои истироҳатӣ истифода намуда, ба ҳар гуна кору амалҳои беҳуда ва ё зараровар машғул мешаванд. Асоси шомил шудани ҷавонон ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои номатлуб, аз надонистани сарнавишти таърихи миллати худ, фориғболию бехабарӣ нисбат ба мероси маънавию фарҳангии хеш, бегонапарастию қадр накардани қимати дастовардҳои истиқлолияти миллӣ иборат мебошад.

Иллатҳои сар задани чунин падидаҳои номатлуб, хатари тафриқаандозӣ ва ҷудоӣ дар байни ҷавонони кишвар дар солҳои охир, дар ватани азизи мо – Тоҷикистон пайдо шудани иғвоангезӣ, ҳизбгароию гурӯҳбандӣ дар фазои кишвар мебошад. Сабаби пайдоиш аз паҳн гардидани ин гуна падидаҳои номатлуб аз бехабар будан аз маърифати ҳуқуқӣ ва худшиносӣ, таълиму тарбияи нокифояи насли наврас шаҳодат дода, боиси шомил шудани онҳо ба гурӯҳҳои ифротгаро мегардад. Дар чунин вазъият ҷавонон бояд масъулияти азими таърихӣ ва рисолати шаҳрвандии истиқлоли миллӣ ва осоиштагии ҷомеаи худро аз чунин паёмадҳои манфӣ ва таъсири қувваҳои моҷароҷӯ, ҳамеша эмин нигоҳ доранд. Дар ин бора устод Мирзо Турсунзода гуфтааст:

**Шодам аммо меҳӯрам ғамҳои халқи дигаре,**
**Дар назар меоварам тороҷгашта кишваре.**

Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд: “Ҷавонони азиз! Ояндаи Тоҷикистон дар дасти шумост, биёед ба ҷаҳониён исбот намоед, ки миллати тоҷик миллати сулҳпарвару меҳанпараст мебошад ва кӯшиш намоед, ки истиқлолияти миллатии худро то абад ҷовидон нигоҳ доред ва зиракии сиёсиро аз даст надиҳед”. Ҷавобан, ба ин гуфтаҳои сарвари давлат ҷавонон бояд, масъулияти тақдири давлату миллатро бар души худ гирифта, бояд халқамонро ҳамеша дар муттаҳидӣ ва бо бунёдкориву созандагӣ раҳнамо сохта, истиқлолияти кишвари азизамонро чун гавҳараки чашм нигоҳ доранд.

Пешгирии шомилшави ҷавонон ба ҳараркатҳои ифротгаро имрӯзҳо ҳадафи ягонаи ҷомеаи ҷаҳонӣ гардидааст. Ҳоло яке аз масъалаҳои муҳим, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷумҳурии моро низ ба ташвиш овардааст, ифротгароӣ мебошад.




Ифротгароӣ яке аз зуҳуроти номатлуб дар замони муосир ба шумор меравад, зеро зуҳуроти мазкур боиси ба миён омадани оқибатҳои нохуш, таҳдид ё истифодаи зуроварӣ, расонидани зарари вазнини маънавию ҷисмонӣ, таҷовуз ба ҳаёти ҷамъиятӣ, бенизомӣ, барангехтани низои миллӣ, иҷтимоӣ ва динӣ мебошад. Бахусус, Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо, ки узви ҷомеаи ҷаҳонӣ аст, нисбат ба ин ҳодисаҳои манфури ҷомеа бетараф намебошад. Дар шароити кунунӣ вазифаи ҳар як фарди ватандӯсту ватанпарвар, миллатдӯст, махсусан ҷавонон, ки ҳамчун нерӯи асосии пешбарандаи ҷомеа маҳсуб меёбанд, аз он иборат аст, ки аз таълимоти гурӯҳҳои манфиатҷӯе, ки дини мубини исломро бо ифротгароӣ ва терроризм айният медиҳанд ва тундгароиро омили ҳифзи ислом муаррифӣ мекунанд, худдорӣ намоянд, зеро дар натиҷаи гароиш ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро ҳам ҷони худро аз даст медиҳанд ва ҳам сабаби аз байн бурдани ҷони ҳазорон нафарони дигар мегарданд. Бояд ҳар як шаҳрванд барои ҳифзи истиқлолият ва якпорчагии кишвар талош варзад.

Мо ҷавонони даврони истиқлол дар қатори дигар ҷавонони башардӯсти дунё амалҳои бади ғосибонро маҳкум мекунем. Мо, ҷавонон, бояд зиракии сиёсиро аз даст надиҳем, фирефтаи ҳар гуна шахсони нопок нагардем, ватани азизи хешро дӯст дорем ва ҳамеша баҳри парафшон будани парчами миллати хеш талош варзем.

**Вазифаҳои СҲШ – таъмини субот ва амният дар минтақа**

# ВАҲДАТ ЯГОНАГИСТ!



Ҷасур АБДУСАТТОРОВ
донишҷӯи соли 2

Инсоният аз азал то имрӯз воқеаву ҳодисаҳои зиёди таърихиро пушти сар намуда, дар шароити кунунӣ бо навгониҳои ҷаҳони муосир қадам мениҳад. Таърих инсониятро аз гузаштаи худ огоҳ месозад. Он на танҳо илми бостон, балки як ҷароғест, ки шахсро баояндаи дурахшон роҳнамоӣ мекунад. Аз ин рӯ, халқи тоҷик, ки дар тану ҷонаш хуни ориёӣ ҷо гирифтааст, аз ин гуфтаҳо канорагир нест, балки дар ақидаву ғояҳои гузаштагони худ содиқ буда, ҳамеша кӯшиш мекунад, ки тифоқ ва фарҳанги аҷдодии худро, ки аз гузашта ба мерос гирифтааст, ба ҷаҳониён муаррифӣ созад.

Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳияти таърихро бисёр дақиқ баён кардааст: "Таърих бузургтарин устод, одилтарин ҳакам, холистарин воқеанигор ва корозмудатарин роҳбалад буда, моро аз гузаштаҳои дур ба қарнҳои оянда ва пешравиҳои бузург ҳидоят мекунад". Бинобар ин, асоси пешравии ҳар як инсон дар раванди ҷаҳонишавӣ баинобат гирифтани таърихи гузаштаи худ мебошад. Дар ин раванд, сарчашмаҳое, ки аз воқеияти ориёӣ будани миллати тоҷик далолат мекунанд ба давраҳои қадим рафта мерасанд. Аз ҷумла, миллати тоҷик дар даврони ҳукмронии бузургтарин империяҳо, ба монанди Ҳахоманишиён, империяи Рим, Сосониёну Сомониён соҳиби тафаккури бузург буда, ақидаҳои ватандӯстона ва иттифоқу сарҷамъ будан ҳамеша пешаи гузаштагони мо ба шумор мерафт.



Дар даврони салтанати Ҳахоманишиён зиёда аз 70 халқу миллатҳои гуногун зиндагӣ мекарданд ва аҷдоди мо – Куруши Кабир, ки асосгузори ин сулолаи бузург ба ҳисоб мерафт, ҳамаи халқу миллатҳоро ҳамеша ба озод будан дар фикру андеша, аз ҳама гуна зӯроварӣ ва махсусан тифоқ буданро ба онҳо талқин мекард, ки ҳамаи халқу миллатҳо аз он розӣ буданд.

Воқеияти таърихӣ нишон додааст, ки танҳо дар ҳолат мавҷуд будани ҳисси ифтихори миллӣ одамият ба бузургтарин дастовардҳо ва нодиртарин шоҳкориҳо ноил мегардад. Бинобар ин, миллати тоҷик дар раванади ҷаҳонишавии муосир низ бо заҳматҳои фарзандони фарзонааш ба дастовардҳои бузург ноил гашта истодааст. Яке аз далелҳои мавҷуда ҷашни бузурги ниёгонии мо - Наврӯз мебошад, ки имрӯз дар тамоми кишварҳои дунё ҳамчун ҷашни байналмилалӣ эътироф гаштааст. Ин аз он далолат мекунад, ки миллати тоҷик бо як ақидаи худ ҳамеша тифоқ буданро пеш гирифта, ба ояндаҳои дурахшон қадам мениҳад.

# ИНКИШОФИ ТАФАККУРИ НАСЛИ НАВРАС



Айниддин ЗАЙНИДДИНЗОДА
донишҷӯи факултети таърих

Дар ҷомеаи имрӯза ташаккул ёфтани фикру ақидаҳои инсон танҳо бо роҳи хондан ва омӯхтани илмҳои муосир имконпазир мебошад. Чунки бо мутолиаи зиёди адабиётҳо дар ҷамъият андешаҳои гуногун ба вуҷуд омада, фикронии инсонҳо гуногун мегардад. Ҳар ҷое, ки гуногунандешӣ мавҷуд бошад, дар он ҷо пешравӣ, иттиҳод, сарҷамъӣ, суботу оромӣ побарҷо мегардад. Ин ба он маъност, ки "хирадмандон ҳамеша метавонанд созиш кунанд, бо он сабаб ки ҳар хел фикр мекунанд, ҷоҳилон бошанд, ҳеҷ вақт ба як созиш намеоянд, бо он сабаб, ки як хел фикр мекунанд". Бинобар ин, дониш, илм, маърифат боиси пешравии ҷомеаи муосир мегардад ва ташаккул додани тафаккури насли наврас дар ин ҷода, вазифаи асосии волидайн ба ҳисоб меравад. Аммо аксар вақт волидон фарзандони худро барои таҳсил дар баҳшҳое маҷбур мекунанд, ки ба андешаи онҳо барои рушду камоли фарзанд таъсири мусбат мерасонанд.



Мутаассифона, ин роҳи ҳал нест. Имрӯз мо бояд чӣ тавр муваффақ шуданро ба фарзанд омӯзем, аз ҷумла ба онҳо тафаккури одамони муваффақро нишон диҳем.

Одамони муваффақ дар кори хеш мулоҳиза мекунанд, назорат мекунанд, хулоса мебароранд. Ҳар қадаре одам таҳлил намояд, ҳар қадаре маълумоти зиёдтар дошта бошад, ҳамон қадар қарори қабулнамудаи вай дуруст мебарояд. Инсони муваффақ ҳамеша фикр мекунад, андешаронӣ мекунад, баъд қарор мебарорад.

Мебояд ки мо пеш аз ҳама ба зеҳни кӯдак қобилияти таҳлил кардан ва қарор қабул карданро ворид кунем то ки дар оянда ба мушкилӣ дучор наояд. Агар тафаккури насли ҷавони мо дар дараҷаи олӣ қарор дошта бошад, мо бо боварии комил гуфта метавонем, ки ояндаи ватани азизи мо дурахшон аст.

# ТАЪСИРИ НӮШОКИҲОИ СПИРТӢ БА ОРГАНИЗМ



Амирҷон ИНОМОВ
донишҷӯи соли 1

Яке аз мушкилоти асосӣ дар ҷомеаи имрӯза майл пайдо намудани ҷавонон ва наврасон ба истеъмоли нӯшокиҳои мадҳушкунанда мебошад. Дар аксар мамлакатҳои ҷаҳон тамоюли зиёдшавии истифодаи ин маводҳо аз тарафи наврасону ҷавонони синни 14 то 18-сола ба чашм мерасад, ки инро "ҷавоншавии майзадагӣ" меноманд.

Яке аз мушкилотҳои асосӣ он аст, ки дар марҳилаи кунуни мушоҳида мешавад, ки ашхоси болиғ кӯдакон ва наврасонро ба истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ ва дигар маводҳои мадҳушкунанда ҷалб менамоянд. Кӯдакон қобилияти даркнамоии камтар дошта, дар аввал зарари истеъмоли чунин маводҳоро дарк наменамоянд, андешаи онро менамоянд, ки гӯё истеъмоли нӯшокиҳои мадҳушкунанда як навъи хушҳолӣ бошад. Мутаассифона, майзадагии доимӣ боиси захролудшавӣ ва осебпазирии системаи узвҳои дарунӣ мегардад. Илми тиб низ исбот кардааст, ки аз ҳад зиёди шароб, нӯшокиҳои спиртӣ ба ҳаёт ва саломатии инсон зароровар мебошад. Дар натиҷаи истифодаи нӯшокии спиртӣ пеш аз ҳама, ҷигари инсон зарар мебинад. Ҷигар узвест, ки тамоми нӯшокии спиртиро аз меъдаю рӯдаи борик ҷаббида ба худ мегирад. Инчунин нушокиҳои спиртӣ бо гардиши хун ба тамоми организм паҳн шуда, дубора ба ҷигар меафтад. Бинобар ин, падару модарон, шахсони онҳоро ивазкунанда, омӯзгорон ва дар умум ҷомеа бояд бо ин падидаи манфӣ дар ҷамъият даст ба гиребон бошанд, то ки насли наврас дар асоси арзишҳои накуи инсонӣ ба воя расад.



Дар ин самт, қонунгузории ҶТ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ як қатор муқаррароти меъёрӣ пешбинӣ кардаанд. Яъне давлат барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои насли наврас тамоми тадбирҳоро меандешад, аммо дар бештар мавридҳо, мо бетарафиро нисбати насли наврас дар ҷамъият, дар байни шаҳрвандон эҳсос менамоем.

Аз ин рӯ, хуб мебуд, ки ҳар яки мо бо як масъулияти баланди шаҳрвандӣ, дар самти таълиму тарбия ва ба роҳи дуруст ҳидоят кардани насли наврас саҳмгузор бошем.

**Кишварҳои нозир дар СҲШ – Ҷумҳурии исломии Афғонистон, Эрон, Ҷумҳурии Белорус ва Монголия**

# РОЛЬ МОЛОДЕЖИ В СОВРЕМЕННОМ ОБЩЕСТВЕ



Умед МУРОДЗОДА
ассистент кафедры
конституционного права

**После приобретения независимости Республики Таджикистан в обществе происходят перемены к лучшему в социальной, экономической и политической сферах. Многие подсистемы общества такие, как система образования, система социального обеспечения и другие также претерпели значительные изменения. Эти изменения напрямую затронуло и молодежь, которая сегодня представляет наиболее активную часть населения, которая хочет реализовать свои интересы. С самого начала независимости нашей страны государственная молодежная политика находилась в центре внимания Правительства, и по сей день поддерживаются творческие инициативы и начинания молодежи и высоко ценится ее патриотическая плодотворная деятельность.**

Молодежь как «будущее нации» во все времена представляла особую ценность для общества. «Молодежь является гордостью и гарантией светлого будущего нашей дорогой Родины. Она занимает важное место в общественных отношениях, производстве материальных и духовных благ. Положение молодежи в обществе и степень ее участия в развитии социальной среды зависит как от государства, так и от их активной жизненной позиции. В современном обществе Таджикистана создана концепция государственной молодежной политики, которая представляет собой целенаправленную деятельность государственных органов, общественных объединений и других социальных институтов, направленную на решение проблем молодежи во всех сферах ее жизни.

Молодежь представляет собой великую потенциальную силу общества, устремляющая в грядущее стрелу времени, помимо полномочного органа для осуществления молодежной политики государства создан еще Национальный совет по работе с молодежью при Президенте Республики Таджикистан. Государство предлагает систему мер и программ с целью создания условий для реализации социального, интеллектуального, культурного и экономического потенциала молодого поколения. Современная власть заинтересована в развитии «молодёжной сферы», мотивируя молодое поколение на сотрудничество в развитии общества. В свою очередь, молодёжь осуществляет инновационную деятельность и вносит вклад в творческий потенциал развития общества. Используя свои творческие способности, мысли, предложения, молодые люди создают новые организации, объединения и движения.



Говоря о роли молодёжи и государства в развитии социальной среды, нельзя умолчать и о другой стороне данного вопроса. На данный момент, роль молодёжи в общественном развитии намного выше, чем 30 лет назад. Начало формироваться субъектность молодёжи, основанная на принципе «что я должен сделать для своей страны». Этот принцип требует соответствующих подходов со стороны государства и общества, создания новой системы молодёжной работы. Роль молодёжи в развитии общества велика. Она умна, инициативна, энергична, и благодаря этому, является движущей силой в укреплении и модернизации общества. Изменилась модель участия молодёжи во всех сферах жизнедеятельности общества. Во многих странах молодёжь поддерживает происходившие перемены, социальные реформы. Современная молодёжь — это важный субъект социальных перемен. Именно с ней реформируемая страна связывает возможные в будущем изменения. В целом у молодежи достаточно сил и знаний, чтобы взять на себя решение многих проблем, но нужно ещё проявить жизненную активную позицию.

На современном этапе большую роль в развитии любой страны играет молодежь, поскольку она определяет будущее развитие общества в целом. Роль молодежи заключается в преемственности социальной культуры, и построении общества. А также внедрении проектов в дальнейшие реализации многих социальных, политических и культурных программ.



Khurshed KAMOLOV
assistant of the criminal and
anti-corruption law department

# NATIONAL UNITY

The progress and achievements of every nation and states are closely connected with its unity and solidarity. This is an indisputable truth. However, at different stages of life, for various reasons and factors elements ensuring unity are disrupted, the Tajik nation has been repeatedly threatened with disintegration and destruction, state that was created has collapsed and for more than a thousand years has preserved its identity and reached the peak of national and state independence.

The escalation of the imposed civil war in Tajikistan was also designed to destroy Central Asia's ancient and civilized nation. However, the Tajiks' peaceful nature and national character, who is always inclined to compromise and conciliation, have contributed to the realization of national interests. It was a kind of foresight and wisdom.

Recognition of the highest national interests has forced the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan his Excellency Emomali Rahmon to choose an extraordinary and courageous work method. The Head of the state identified priority tasks and made great efforts to address them. The General Agreement on the Establishment of Peace and National Unity, signed in Moscow on June 27, 1997, is a crucial document for all the people of Tajikistan. The signing of the General Agreement on the Establishment of Peace and Public Consent marked the beginning of a turning point in the political, social and spiritual life of the Tajik people.

This peace has revived the confidence of tens of thousands of innocent compatriots, women and children, the elderly and young people who were forced to leave their homeland. The achieved peace was the result of many efforts of the peacemakers of the Tajik nation and goodwill. The service of the Leader of the Nation should be especially noted that he showed courage and was not afraid of danger and travelled to Afghanistan for the maintenance of peace and unity of Tajik people.

Friendly countries and guarantors of peace, influential international organizations, in particular, the United Nations and the Organization for Security and Cooperation in Europe, have done a very important job for peace. Well-known and patriotic personalities of the country, who took part in the negotiation process and brought the positions closer, also made a valuable contribution. Fortunately, today our dear Tajikistan has achieved significant political, economic, social and cultural achievements and has found its place in the modern world.

Regarding the significance of this crucial peace document, the Leader of the Nation of our independent country Emomali Rahmon proudly said: "The General Agreement is of the same importance as the Declaration of Independence of the Republic of Tajikistan. If the Declaration officially gave Tajikistan independence and sovereignty, then the Agreement has ensured peace and stability in our country». Thus without reasoning that international organizations and scientific and political circles of the world study the experience of the Tajik peace and consider it as a unique and valuable phenomenon in the history of international peacebuilding. It should be noted that in the era of globalization, a dangerous process of confrontation of civilizations is intensifying all over the world, which is pushing humanity into a whirlpool of tragedy. All far-sighted scholars and politicians are concerned about this process

In this regard, it is another serious step in strengthening the national self-awareness of young people and in general on the way to uniting the nation. Indeed, the protection of great historical achievements is a matter of pride and honorable duty of every patriotic individual of the country and will be responsible for the care of future generations of the nation and the preservation of state independence.



After achieving full unity, the Republic of Tajikistan has taken firm steps to a new stage of creativity and development of various sectors of the economy, and in this regard has achieved a number of significant attainments. Including the construction of power plants, the opening of tunnels, bridges and roads, the construction of modern educational institutions and other large-scale facilities.

It was the Founder of Peace and National Unity, the leader of the nation Emomali Rahmon who stated that the Republic of Tajikistan is recognized by the world community as an initiator country to make a valuable contribution to solving global problems, including water problems.

**In these blessed days, along with the mention of successes, it is very appropriate to recall the strategic tasks set by the Leader of the Nation His Excellency Emomali Rahmon. In the last year's address of the Founder of Peace and National Unity the Leader of the Nation his excellency Emomali Rahmon to the Majlisi Oli of the country, these goals were very clearly stated. First, to ensure energy independence, second, breaking the communication deadlock, third ensuring food security and expanding productive employment, the fourth industrialization of the country. These four vital tasks are forcing our society and the Government to take all necessary measures to solve them.**

Achieving these goals will allow Tajikistan to develop rapidly, take a strong position in the region and the world, and most importantly, significantly improve the living standards of our people.

The National Unity Day, which we celebrate, is truly a historical date in our public life.

# БУНЁДГУЗОРИ ТОҶИКИСТОНИ ШЎРАВӢ
## (БА ИФТИХОРИ 140-СОЛАГИИ НУСРАТУЛЛО МАХСУМ)





**Азимҷон ҶУРАЕВ**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи граждан̄ӣ**

Боиси сарфарозӣ ва саодатмандист, ки миллати наҷиби тоҷик дар арафаи 30-юмин солгарди Истиқлолияти давлатӣ, ҷашни муборaки миллӣ қарор дорад, ки симои шаҳру ноҳия, шаҳраку деҳкада фазои идонаро касб намудааст.

Соҳибистиқлолии Тоҷикистон натиҷаи пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ буда, ин давра дар таърихи халқи тоҷик оғози марҳалаи нави давлатдорӣ, расидан ба ормонҳои ҳазорсола арзёбӣ мешавад. Истиқлолияти давлатӣ ҳамчун бузургтарин дастоварди миллати тоҷик решаҳои худро аз талошу заҳматҳои фарзандони фарзонаи миллат аз раванди ташкили Тоҷикистони Шӯравӣ маншаъ мегирад.

Асри XX барои миллати куҳанбунёд ва тамаддунсози тоҷик асри талошу муборизаҳо барои эҳёи давлати миллӣ ва умуман асри бедории миллат буд. Муборизаҳои миллати тоҷик барои озодӣ, ҳуқуқ, адолат ва эҳёи давлати миллӣ дар солҳои 20-уми асри гузашта аҳамияти бузурги таърихӣ дорад.

Дар чунин вазъияти душвори сиёсӣ ва тақдирсоз барои миллат ва давлатдории миллӣ шахсияте лозим буд, ки ҷасоратмандона ва ҷонфидоёна хидмат намояд. Фохирмандона ба асраи майдони сиёсат қаҳрамони халқи тоҷик Нусратулло Махсум ва ба арсаи маънавиёт устоди зиндаёд Садриддин Айнӣ по гузоштанд, ки тоҷикон ба муваффақиятҳои бузурги сиёсӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва миллӣ ноил гардиданд.

Маҳз дар тақсимоти миллӣ-марзии Осиёи Миёна тамоми ҳуқуқу манфиатҳои миллати тоҷик поймол гардида, ҳато дар комиссияҳои тақсимот аз ҳисоби тоҷикон намоянда вуҷуд надошт. Ташкили давлат дар он замон бо номи Тоҷикистон зери суол монда буд. Чунки шаҳрҳои Самарқанду Бухоро, Хуҷанд ва ноҳияҳои тоҷикнишини Сурхондарё ки аксаран аҳолиашонро тоҷикон ва шаҳрҳои аҷдодӣ ба ҳисоб мерафтанд, алакай ба Ӯзбекистон бахшида шуда буданд. Танҳо дар назар дошта шуда буд, Тоҷикистон ҳамчун вилояти мухтор дар ҳайати Ӯзбекистон ва фақат ба он Мастчоҳ ва Қаротегину Ғарм, ки ноҳияҳои санглохи кӯҳӣ буданд дохил карда шаванд. Ин нуқтаи назар аз тарафи комиссияи Узбекистон низ дастгирӣ меёфт. Дар ин раванд мутаасифона хиёнати баъзе аз ватанфурӯшони пантуркшуда (А. Раҳимбоев, А. Фитрат, Ф. Хочаев ва 23 нафари дигар), ба хотири мансабу ҷоҳу мақом, дар аввал худро турк баъд узбак муаррифӣ намуда, ҳуқуқ ва манфиатҳои миллати хеш-тоҷиконро поймол намуданд, ки хиёнати ошкорову нобахшиданист.

Бояд қайд намуд, ки дар нодида гирифтани ҳуқуқу манфиатҳои миллии тоҷикон дар аввали баргузории тақсимоти миллӣ-марзӣ Нусратулло Махсум ва Шириншоҳ Шоҳтемур ҳузур надоштанд, танҳо аз тоҷикон А. Ҳоҷибоев, А. Муҳиддинов, А. Раҳимбоев, Ч. Имомов ва дигарон ширкат доштанд ва мутаасифона фаъолияти онҳо таҳти таъсири ғояҳои туркпарастиву узбекпарастӣ буд. Шояд то баргузории маъракаи тақсимоти миллӣ - марзӣ (июл-августи соли 1924) Нусратулло Махсум ва Шириншоҳ Шоҳтемур ба марказ барои шиносоӣ ба лоиҳаи тақсимоти миллӣ-марзӣ ҷалб мешуданд тақдири миллату давлатдории тоҷикон ранги дигар мегирифт. Талошу заҳматҳои Нусратулло Махсум буд, ки давлатдории тоҷикон дар дар он шабу рӯзи муҳим эҳёву ташаккул ёфт.



Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳақ қайд менамояд: "Дар вазъияти ниҳоят ҳассосу мушкил дар сафи аввалин фарзандони сарсупурдаи халқи тоҷик ба мубориза бархостани Нусратулло Махсум нишонаи ватандӯсту ватанпарасти асил буданиу мебошад. Кӯшишу талошҳои ӯ пеш аз ҳама дар ташаккули Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян гардидани марзу буми имрӯзаи он ва шинохти миллати тоҷик беназир аст".

Нусратулло Махсум раиси Кумитаи иҷроияи марказии Бухорои Шарқӣ моҳи сенябри соли 1924 аз Душанбе ба Тошканд омада, бо қарорҳое, ки оид ба масъалаи тақсимоти миллӣ–марзии Осиёи Миёна ва таъсиси Вилояти Мухтори Тоҷикистон дар ҳайати Узбекистон қабул карда шуда будаанд, шинос шуда, таъҷилан эътироз ва норозигии хешро бо мактуби махсус ба КМ РКП (б) ба И.В. Сталин мурочиат намуд. Ӯ навишта буд: **"Масъалае, ки ба манфиатҳои халқи тоҷик дахл мекунад, ғайриодилона ҳаллу фасл шудааст, бисёр маҳаллоте, ки дар онҳо ғолибан мардуми тоҷик зиндагӣ доранду дар ҳамсоягӣ ва ҳудуди пешбинишудаи вилояти Тоҷикистон воқеъ мебошанд, берун аз марзҳои аслии худ, дар ҳудуди Ӯзбекистон мондаанд".**

Нусратулло Махсум дар давоми мактубаш аз ҳуқуқи худмуаянкунии миллати тоҷик дифоъ намуда, барои пешрафти давлатдории миллии тоҷикон оянда чунин эътироз намуда буд: **"Қарор дар бораи ҳамчун Вилояти Мухтор ба ҳайати Ӯзбекистон дохил шудани Тоҷикистон ҳуқуқи миллии тоҷиконро ба худмуянкунӣ (миллӣ) вайрон мекунад, дар ҳоле ки чунин ҳуқуқ ба ӯзбекон ва туркманҳо дода шудааст".**

Нусратулло Махсум аввалин тоҷике буд, ки аз қарори ноодилонаи тақсимоти миллӣ-марзӣ огоҳ шуду, онро барои миллати тоҷик беасосу ноодилона номида, эътироз намуд. Ин қаҳрамони миллат кӯшиш менамуд, ки ин хатоҳои ҷиддӣ ва нодида гирифтани ҳуқуқу манфиатҳои тоҷиконро дар раванди тақсимот ба мақомоти марказии Маскав расонад. Ӯ дар мактубаш талаб менамояд, ки "ноҳияҳои Истаравшан, Хуҷанд, Конибодом, Исфара, Сух, Риштон, Учқурғон ва дигар маҳалҳои ҳамҷаворе, ки сокинони онҳо бештар тоҷикон мебошанд ба ихтиёри Тоҷикистон дода шаванд".

Инчунин ӯ барои ташкил кардани давлати алоҳида дар мактубаш аз мақомоти марказии Маскав талаб менамояд: **"Ба Тоҷикистон имконияти пурра дода шавад, ки озодона дар асоси ҳамон принсипҳое, ки Ҷумҳурии Туркманистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон таъсис шудаад, ҳамчун Ҷумҳурии алоҳида ташкил шавад, ки ба Ӯзбекистон ягон тобеияте надошта бошад. Вазъи географӣ ва шумораи аҳолии Тоҷикистон комилан ба шарту шароити ташкили ҷумҳурии мустақил мувофиқ аст".**

Таърихнигори варзидаи тоҷик Р.Масов холисона қайд менамояд, ки ҳеҷ ҷойи шакку шубҳа нест, ки мактуби Нусратулло Махсум яке аз далелҳои муҳим барои ивази қарорҳои қаблии комиссия – ба ҷойи Вилояти мухтор, ташкили Ҷумҳурии Мухтор ва сипас мустақалии ҶШС Тоҷикистон гардидааст.

Дар натиҷаи заҳмату хидматҳои шабонарӯзии фарзанди фарзонаи миллат Нусратулло Махсум 14-уми октябри соли 1924 (27 октябри соли 1924 бо қувваи қонунӣ даромад) Тоҷикистони азиз ҳамчун Ҷумҳурии Мухтории Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (ҶМШСТ) дар ҳайати Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Ӯзбекистон (ҶШСУ) эълон гардид.

Номаи дигари Нусратулло Махсум ба Сталин, ки соли 1928 дар асоси Қарори Кумитаи вилоятии ҳизб навишта шудааст, боз ҳам муфассалтар буда, ҳам андаке таърихи тоҷикон ва ҳам вазъи онрӯзаи онҳоро дарбар гирифта, бо ҷиддияти тамом масъала пеш мегузорад, ки Тоҷикистон аз ҳайати Ӯзбекистон ҷудо кардаву ба ҷумҳурии иттифоқӣ табдил дода, баъзе ноҳияҳои Фарғона, Хуҷанд, Самарқанд, Бухоро, водии Сурхон ва ғайра ба Тоҷикистон пайванд шавад. Яъне, ин нома ҳам монанди баъзе аз навиштаҳои пас аз соли 1925-1926, бар хилофи раъйи Сталин, ки нахост Бухорову Самарқанду Хуҷандро ба Тоҷикистон бидиҳад, намунае аз ҳақталабии миллии мардуми тоҷик ва муборизаи озодихоҳӣ аст. Ин нома барои ҷудо шудани Тоҷикистон аз Ӯзбекистон ва ҷумҳурии иттифоқӣ шудани он нақши муҳимеро иҷро кард.

Маҳз талош ва мактубу дархости роҳбарони ҶМШС Тоҷикистон (ба вижа Нусратулло Махсум) ва аз ҳама муҳим талабу дархости халқи тоҷик аз ҳар гӯшаю канори минтақа ИҶШС-ро водор сохт, ки округи Хуҷандро ба Тоҷикистон ҳамроҳ намояд ва 16-уми ноябри соли 1929 ҶМШС Тоҷикистон ба ҶШС Тоҷикистон табдил дода шуд.

Ташкили ҶШС Тоҷикистон барои тоҷикон аҳаммияти бузурги таърихӣ дорад ва ташкили ҷумҳурии алоҳида заминаи асосии соҳибистиқлоли Тоҷикистон дар замони имрӯза гардид, чунки баъди пош хӯрдани ИҶШС танҳо он давлатҳое соҳибистиқлол гардиданд, ки мустақилона дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ мавҷуд буданд.

**Бо вуҷуди он ҳама муваффақиятҳои бузурги миллӣ ва сиёсӣ нимаи аввали асри XX барои миллати тоҷик фоҷеаангез буд. Тиратарин ҳодисаҳои он ин маҳв кардани ходимони сиёсӣ ва табақаи асили фарҳангӣ, яъне зиёиёни миллӣ мебошад. Гарчанде ки Нусратулло Махсум ва даҳҳо ҳаммаслаконаш ҷисман аз байн бурда шуда, қишри зиёди донишмандону мутафаккирон бо сиёсати "тройка" маҳв гардиданд ва бархе аз Ватан бадарға, вале андешаву хизмату заҳматҳои эшон баҳри бедории миллат, Истиқлолияти миллӣ, давлатдории миллӣ то имрӯз аҳамияти худро гум накардааст.**

**Дар замони Истиқлолияти давлатӣ хизмату ҷонфидоии Нусратулло Махсум аз ҷониби сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар беҳтарин шакл қадрдонӣ шуд. Санаи 27-уми июни соли 2006 ба абармарди хирад ва сиёсат, фарзанди фидокор ва содиқи Ватан Нусратулло Махсум барои хизматҳои бузургаш дар поягузории Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон унвони олии "Қаҳрамони Тоҷикистон" дода шуд.**

**Имрӯз бар мост, ки номи шарифи ин қаҳрамони миллатро зинда нигоҳ дорем, ва шахсияти бузургашро ба насли ҷавон бишиносонем.**

**Қароргоҳи СҲШ дар шаҳри Пекин ҷойгир аст**



# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – ПОЙДЕВОРИ ДАВЛАТИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

**Ваҳдат ва амнияту суботи миллӣ дар ҳар давру замон новобаста ба давраҳои таърихӣ ҳамеша мазҳари идеалу ормонҳои волои инсон буда, кафили муттаҳидию ягонагии мардуми мубориз, фидокору ватандӯст ва василаи ягонаи ҳифзи асолату ҳувияти мо ба шумор мерафт. Ин падидаҳои бемислу хуҷастаи замони Истиқлол, ки ба ҳам тавъам мебошанд ва якдигарро пурра мекунанд.**



Абдулхайри ҲАСАН
ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат

Ваҳдати миллӣ, ки маҳз ба шарофати талошҳои қаҳрамононаи фарзанди баруманди миллати тоҷик, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар заминаи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба даст омад, ба мардуми тоҷик қувваи тавоно бахшида, барои таҳкими суботу оромӣ, ташаккули ғояҳои инсондӯстона ва фарҳанги сиёсию ҳуқуқии мардум дар шароити ташаккули давлатдории навин замина гузошта, барои рушди муназзам ва устувори ҳамаи соҳаҳои ҳаётии мамлакат шароити заруриро фароҳам овард. Имсол Рӯзи ваҳдати миллӣ дар арафаи ҷашни муқаддасу фархундаи 30-юмин солгарди Истиқлоли давлатӣ, ки муҳимтарин дастоварди таърихи навини миллати сулҳдӯсту фарҳангсолори мо маҳсуб меёбад, таҷлил мегардад. Албатта, роҳи бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, ки мо бо он устуворона пеш рафта истодаем, воқеан далели барҷастаи пирӯзии ваҳдат, ҳамдигарфаҳмӣ, таҳаммулгароӣ, ягонагии халқ ва ҳокимияти сиёсӣ маҳсуб меёбад.

Мардуми шарафманди Тоҷикистон дарк намуданд, ки танҳо дар фазои сулҳу ваҳдати миллӣ ва тавассути заҳмати ватандӯстона метавон давлати тозаистиқлоли хешро ба мамлакати ободу тараққикарда мубаддал гардонид ва барои наслҳои оянда як кишвари воқеан мутараққӣ ва мутамаддинро ба мерос гузошт. Ваҳдати миллӣ ва таҷрибаи сулҳофаринии тоҷикон аз зумраи сабақҳои басо арзишмандест, ки ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар сатҳи ҷаҳонӣ мавриди қабулу омӯзиш қарор гирифт.

Аз ин рӯ, ваҳдати миллӣ дар таърихи навини давлатдории миллати тоҷик бозёфти арзишмандтарин мебошад, зеро он барои амалӣ гардидани ормонҳои халқамон, ки бо қалби пур аз умед интизори сулҳу оромӣ ва дӯстиву ҳамдигарфаҳмӣ буданд, заминаи воқеӣ гузошт.

Бинобар ин, Ваҳдати миллиро, бешубҳа, метавон ҳамчун самараи талошҳои хурду бузурги Ватани азизамон маънидод кард ва маҳз ба ҳамин хотир, мо вазифадорем, ки онро мисли гавҳараки чашм ҳифзу нигоҳдорӣ намуда, ба наслҳоиояндаи хеш кишвари обод, орому осуда ба мерос гузорем.

## ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – ПАЙРОҲАИ СУЛҲОФАРИИ МИЛЛАТ



Сайвалӣ БОБОХОНЗОДА
донишҷӯи соли 1

Аввали солҳои 90-уми асри XX барои миллати тоҷик давраи сангину вазнин ва пурфоҷиа буд. Чунки дар ин марҳилаи таърихӣ ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ давом мекард. Махсусан, дар соли 1992 вазъи иқтисодӣ ба ҳадде расид, ки иқтисоддонҳо онро "фоҷеа" номиданд. Хушбахтона, аз ин вартаи ҳалокатбор миллати тоҷик раҳо ёфт. Баъди ҷанги шаҳрвандӣ, Тоҷикистон роҳи бунёди давлати миллӣ, ҳуқуқбунёду демократӣ ва тамоили иҷтимоӣ доштани иқтисодиёти бозаргониро пеш гирифт.

Барои идора ва роҳбарӣ намудани соҳаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ вазорат ва кумитаҳои давлатӣ ташкил гардиданд. Ҳамчунин, қарору қонунҳои қабулнамуда дар раванди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии ҶТ шикасти минбаъдаи пояҳои давлатдории моро боздошт.

Яке аз дастовардҳои муҳимми ин марҳилаи таърихӣ ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар ҶТ Тоҷикистон ба шумор меравад, ки ба ҷанги шаҳрвандӣ хотима гузошт. Ҳамин тавр, баъди ба имзо расидани санади мазкур низоми давлатдорӣ боз ҳам мустаҳкам гардида, дар ин замина, парламенти касбии доимоамалкунандаи дупалатагӣ бунёд гардид. Дар ҷомеа фазои гуногунандешии сиёсӣ ва мафкуравӣ ба миён омада, фаъолияти озодонаи ҳизбҳо, созмонҳо, ҳаракатҳои сиёсӣ ва ҷамъиятӣ ба таври густурда ба роҳ монда шуд.

Баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ бо роҳбарии хирадмандонаю дурандешона, матонату ҷасорат ва саъю талошҳои Пешвои миллат, дар ибтидои асри XXI вазъияти сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоии мамлакат рӯ ба беҳбудӣ ниҳода, дар кишвар сулҳу субот пойдор гардид ва шароити мусоид барои таҳкими минбаъдаи Истиқлолияти давлатӣ ба вуҷуд омад.

Маҳз файзи Ваҳдати миллӣ аст, ки мо бо чунин рӯзҳои неку босаодат расида истодаем. Сулҳу ваҳдат хонаву дари ҳар яки моро мунаввар сохт. Бинобар ин, воқеан Сарвари маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат" аст.

## АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ



Давлатёр МУҲИДДИНОВ
устоди калони кафедраи фанҳои ҷамъиятии Донишкадаи ҳарбӣ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ ба муносибати 25-умин солгарди Иҷлосияи XVI-и Шӯрои Олӣ марҳилаҳои таҳкими сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистонро муфассал таҳлил намуда, аз ҷумла қайд карданд: "Ҳангоми интихоб шудан ба ҳайси раиси Шӯрои Олӣ ва сарвари давлати Тоҷикистон дар он лаҳзаҳои бисёр хатарнок хуб эҳсос ва дарк мекардам, ки масъулияти басо вазнин, вале таърихӣ – гирифтани пеши роҳи хунрезӣ, қатъи ҷанги шаҳрвандӣ, таъмин намудани сарҷамъии миллат, яъне пешгирӣ кардани хавфи аз хатари сиёсии ҷаҳон нест гардидани давлати соҳибистиқлоли тоҷикон ва пароканда шудани миллати тоҷикро ба дӯш мегирам. Мардуми Тоҷикистон низ аз роҳбарияти навинтихоб ва таъйиншудаи давлат ва Ҳукумат ба ҳамин савол ҷавоб гирифтан мехостанд".

Дарвоқеъ, роҳи сулҳ ва таъмини ваҳдату ягонагӣ дар байни қишрҳои гуногуни ҷомеа дар он даврон росту ҳамвор набуд. Ин мубориза ва фаъолияти хастанопазири Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро метавон ба якчанд марҳила тақсим намуд.

Марҳилаи аввал, аз рӯзи раиси Шӯрои Олии ҷумҳурӣ интихоб гардидан ҳаракату талоши ҷонфидоёнаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои тинҷию оромӣ ва баргардонидани гурезагон аз хоки Афғонистон ва сарҷамъ намудани миллат иборат буд.

Мардуми шарафманди тоҷик хуб дар ёд доранд, ки бо раиси Шӯрои Олӣ интихоб гардидани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вай дар ҳузури вакилони иҷлосия ва дар назди халқи шарифи Тоҷикистон савганд ёд карда буд, ки "агар лозим шавад, ба ивази ҷони худ сулҳу ваҳдатро ба Тоҷикистони азиз бозмегардонам ва то даме, ки як гурезаи тоҷик дар хориҷи кишвар умр ба сар мебарад, ман ором буда наметавонам".

Марҳилаи дуюм, барқарорсозии хоҷагии халқ ва рушду тараққӣ додани кишварро дар бар мегирифт, ки аслан бе таҳкими сулҳу субот ва бе таъмини комили тинҷию амонӣ ба даст намеомад. Сараввал вазифаи басо мушкилу сангин дар назди Ҳукумати навтаъсис ва роҳбарияти он ба сари мизи гуфтушунид даъват намудани гурӯҳҳои силоҳбадаст, ки шумораашон хело зиёд буд ва ба мусолиҳаю оштии миллӣ моил кардани Иттиҳоди мухолифин маҳсуб меёфт. Воқеан, бо вуҷуди он ки ҳукумати конститутсионӣ таъсис ва сарвари қонунии он дар симои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон интихоб гардид, дастаҳои бедодгар дар ҳар гӯшаю канор ба касеву мақомоти маҳал ва дигар ниҳодҳои давлатӣ сар намефаровarданд.

Лозим ба ёдоварист, ки дар он солҳои мутҳишу фоҷеабор фарзандони содиқу барӯманди Ватан, чун Муҳаммад Осимӣ, Баширхон Исҳоқӣ, Минҳоҷ Ғуломов, Отахон Латифӣ, Муҳиддин Олимпур, Сайф Раҳимзоди Афардӣ ва бисёри дигар аз тири нохалафони ватанфурӯши аслбохта ба ҳалокат расидаанд, кофист, ки аз нияту қалбҳои сиёҳи хидмадгорони хоҷагони хориҷӣ амиқан иттило пайдо кунем.

Чи тавре ки роҳбари мамлакат, борҳо дар суханронии худ қайд намудаанд, на танҳо неруҳои бадхоҳу дасисакори берунӣ, балки гурӯҳҳои манфиятхоҳу мансабҷӯи дохилӣ низ баҳри амалӣ сохтани амалҳои нопоки хеш бо ҳар роҳу восита мехостанд, бо зӯри қувва ва силоҳ ҳукумати навро фишор биоваранд ва бо ин васила хостаҳову пешниҳодоташонро ба роҳбарияти давлат чун талаби қатъӣ иброз намоянд.

Хушбахтона, бо ташаббусҳои пайгиронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Ватани маҳбубамон сулҳу ваҳдатӣ миллӣ пойдор ва амнияти кишвар дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ мустаҳкам гардида, роҳ ба сӯи пешрафту тараққиёт ва муаррифии дастовардҳои миллӣ боз гардид.

## ИСТИҚЛОЛИ МО!

**Пешрафти илму фарҳанг ёри Истиқлоли мост!**
**Сулҳу осоиш барори кори Истиқлоли мост!**
**Соҳиби давлат шудан дар ин ҷаҳони чархзан,**
**Мояи икрому ифтихори Истиқлоли мост!**
**Марзи обод, марди озод, инкишофи кишварам,**
**Рӯзие бар мулки ҷаннатвори Истиқлоли мост!**
**Аз адуи мулк бояд кард доим эҳтиёт,**
**Душмани бадкешу бадкин хори Истиқлоли мост.**
**Қадри сулҳу дӯстию марзу буми ин Ватан,**
**Бар ҷавони бохирад шиори Истиқлоли мост!**
**Дониёро, хун дар шарён дорӣ, шод бош,**
**Шодмонӣ, шоҳкорӣ бори Истиқлоли мост!**

**Дониёр САНГИНОВ**

# ОИЛАИ СОЛИМ – АСОСИ ПЕШРАФТИ ҶОМЕАИ МАДАНӢ

Яке аз ҷузъҳои муҳимми ҷомеа ва давлат оила ба шумор меравад. Оила асоси пешравии ҳама гуна ҷамъият дониста мешавад. Чунки ҳама комёбиҳои инсон аз хурди то давраи ба воя расидан ҳамбастагии ногусастанӣ ба оила дорад. Таълим, тарбия, дониш, маърифат, одобу ахлоқ ва дигар арзишҳои иҷтимоӣ сарчашмаи худро аз оила мегиранд. Бинобар ин, оилаи солим, оилаи бомаърифат ва донишманд сарманшаи ҷомеаи донишпарвар мегардад. То кадом ҳад вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангию ахлоқии оила дар сатҳи баланд қарор дошта бошад, ба ҳамон андоза он ба рушд ва пешрафти давлату миллат мусоидат менамояд. Зеро оила яке аз рукнҳои асосии низоми давлатдорӣ ба шумор меравад.



**Фурқат ҚУРБОНОВ**
**донишҷӯи соли 4**

Нуқтаи муҳимеро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат соли 2015 зимни ироаи Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ қайд карда буданд: “Ҷомеаи солим аз оилаи солим ташаккул меёбад.” Ҳамин тавр, бо пешниҳоди Пешвои миллат соли 2015 ҳамчун “Соли оила” эълон гардид, ки ҳар сол дар кишварамон 15 май ҳамчун рӯзи оила ҷашн гирифта мешавад.

Пойдорӣ ва устувории оиларо муҳаббат, якдигарфаҳмӣ ва эҳтироми тарафайн ташкил медиҳад, зеро танҳо муҳаббати самимӣ метавонад оиларо мустаҳакам ва тамоми мушкилиҳои ба сар омадаро рафъ созад.

Айни замон ба ҳамагон маълум аст, ки яке аз масоили ҳалталаби ҷомеа ин хусумат ва парокандагӣ дар байни аъзоёни оила мебошад. Ба таври умум якчанд ҳолатҳоеро гуфтан мумкин аст, ки боиси бозҳам мустаҳкам гардидани муносибатҳои оилавӣ мегарданд. Аз ҷумла, тарбияи худ дар оила, тайёр будан ба зиндагии мустақилона, таҳаммулпазир будани тарафҳо дар марҳилаи аввали оиладорӣ, доштани манбаи даромад, гузаштан аз муоинаи тиббӣ, ба инобат гирифтани розигии тарафҳо ҳангоми ба никоҳ ворид шудан, ба инобат гирифтани синну соли тарафҳо (баъзан тарафҳо аз ҳамдигар синну соли зиёдтар доранд, ки ин боиси дар оянда ба вуҷуд омадани тафаккури ба ҳам зид мегардад), дахолат накардани волидон ва нафарони сеюм, эътибор надодан ба хурофотҳои оилавӣ, эҳтирому ҳамдигарфаҳмии тарафҳо ва ғайра.

Дар ин самт, як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ қабул гардидааст, ки ба танзими муносибаҳои оилавӣ равона гардидаанд. Аз ҷумла, Конститутсияи ҶТ, Кодекси оила, қонунҳои ҶТ, санадҳои зерқонунӣ ва санадҳои байналхалқии эътирофнамудаи ҶТ. Махсусан, дар м. 33 Конститутсияи ҶТ ҳуқуқи ҳар кас ба ташкили оила пешбинӣ гардида, принсипи асосии ташкили оила, яъне якканикоҳӣ низ кафолат дода шудааст. Дар Кодекси оила бошад, принсипҳои ҳуқуқи оилавӣ пешбинӣ гардидаанд, ки як аз онҳо дахолат накардани шахсони сеюм ба муносибатҳои оилавӣ ном дорад.

Хулоса, оила пойдевори асосии ҷамъият аст ва он бояд ҳамеша аз ҷониби давлат мавриди ҳифз қарор гирад.



# МУҚОВИМАТ БО САВДОИ ОДАМОН

**Инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ арзиши олӣ доранд. Ҳамчунин озодии инсон худмуйянкунии шахсият имконияти бе ягон маҷбурсозӣ мувофиқи иродаи худ амал карда аст. Яке аз падидаҳои бисёр нанговар барои ҷомеаи башарӣ, ки боиси поймол гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва маҳрум кардани ӯ аз ҳуқуқҳои фитрӣ мегардад, савдои одамон ба ҳисоб меравад, ки дар шароити кунунӣ ба проблемаи ҷаҳони муосир табдил ёфтааст.**



**Идрисҷон МИРЗОРАҲМАТЗОДА**
**донишҷӯи соли 2**

Ҷомеаи байналмилалӣ ва кишварҳои мустақил талоши онро меварзанд, ки пайваста ба муқобили чунин амалҳои ношоиста мубоbecause мубаризаи беамон баранд. Аз ҳамин рӯ, ин амалҳои ношоиста ва ҷинояткорона ҷомеаи ҷаҳониро низ бетараф нагузоштааст. Ҳанӯз соли 1949 Ассамблеяи Генералии СММ «Конвенсия дар бораи мубориза бо хариду фурӯши одамон ва истисмори фоҳишагарӣ аз тарафи шахси сеюм»-ро қабул карда буд. Тибқи он кишвари конвенсияи мазкурро тасдиқкарда уҳдадор мешавад, ки шахси ба ин амалҳо машғулшударо ҷазо диҳад.



Тоҷикистон ба Конвенсияи байналмилалӣ оид ба мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон ва истифодаи онҳо барои фоҳишагӣ аз тарафи шахсони сеюм соли 1949, Протоколи иловагӣ ба Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак, ки ба хариду фурӯши кӯдакон, фоҳишагии кӯдакон ва шаҳвонияти кӯдакона соли 2000 ҳамроҳ шудааст.

15 июни соли 2004 Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон» қабул гардид, ки вазифаҳои он танзими муносибатҳои ҷамъиятие, ки аз мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон бармеоянд; огоҳонӣ, ошкор ва пешгирии фаъолияти хариду фурӯши одамон ва ба ҳадди ақал расонидани оқибатҳои он; барқарорсозии ҷисмонӣ, психологӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии шахсоне, ки аз хариду фурӯши одамон ҷабр дидаанд; муҳофизати шахс, ҷамъият ва давлат аз хариду фурӯши одамон ба шумор мерафт.

Ҳарчанд ки Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон» таъиноти таърихии худро иҷро намуда, айни ҳол амал намекунад. Қонуни нави ҶТ «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» аз 26.07.2014 сол қабул гардид. Қонуни мазкур доираи истифодаи мафҳумҳои ҳуқуқиро васеъ намуда, сиёсати давлатро дар самти муқовимат бо савдои одамон пешбинӣ намудааст. Ҳамчунин доираи субъектоне, ки бо савдои одамон муқовимат мебаранд васеъ гардида, ҳамкории байналмилалиро дар ин бахш боз ҳам мустаҳкам намуд.

# ТЕРРОРИЗМ – ТАҲДИД БА СУБОТУ ОРОМӢ ДАР ҶАҲОН



**Ҷумъа ОДИНАЗОДА**
**донишҷӯи соли 3**

Солҳои охир яке аз мушкилиҳое, ки тамоми ҷомеаи инсониро фаро гирифтааст тероризм ва дигар зуҳуроҳои хатарноки аср ба шумор меравад. Терроризм ин куштор, тирпаронӣ, таркиш, сӯхтор ва дигар амалҳои ваҳшатноке мебошад, ки ба одамон хатари марг ба миён меорад. Сол то сол доираи фаъолияти гуруҳҳои террористӣ васеъ гардида, боиси вайрон гардидани сарҳадҳои давлатҳои орому осоишта гардида истодааст. Ба таври дигар, тероризм ва гурӯҳҳои террористӣ бо ҳар роҳу восита аз лонаи хеш ба минтақаҳои дурдаст расида, мехоҳад амалҳои касифу нобахшиданӣ ва бераҳмонаву ҷоҳилонаро анҷом диҳанд.




Терроризм яке аз хавфноктарин таҳдидҳо барои инсоният ва ҷомеаи умумибашарӣ боқӣ монда, бо истифода аз технологияи муосир тарзу усули нави истифодабариро касб мекунад. Ҳалокати ҳазорон мардуми осоишта, алалхусус занону кӯдакон аз ин хатари марговар гувоҳи он аст, ки ин амалу кирдори ваҳшиёна ба чизе раҳм надоранд ва ҳамчун воситаи амали сохтани ҳадафу мақсадҳои нопок аз ҷониби як тудаи аз фарҳангу маърифат дур, бехирад ва ҷоҳилу нотавонбин истифода мешавад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат дар Маҷмааи умумии СММ зимни баромади хеш қайд карданд: “Террорист Ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад” ин суханони Пешвои миллат чашми аксари одамонро боз намуд.

Имрӯз танҳо мубориза дастаҷамъи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мусоидати аҳолӣ бо мақомот ва ҳушёрию зиракии мардум имкон медиҳад, ки пеши роҳи даҳшат ва беҳрамӣ гирифта шавад.

Ба қадри неъмате чун истиқлолияту давлатдории миллӣ расидан арзишҳои муқаддастарини давлату миллатро дарк намудан ва ҳифз намудани онҳо ин ҳам қарз, ҳам масъулият ва шарафу номуси ватандорӣ, ифтихор аз давлату миллати хеш ва талошу заҳмати ҳар фарди бедордили ҷомеа баҳри худшиносии волои миллӣ мебошад.

**Ҷаласаи навбатии СҲШ – сентябри соли 2021 дар шаҳри Душанбе**

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ВА ПЕШРАФТИ ТОҶИКИСТОН



Саидакбар ҚОДИРЗОДА
донишҷӯи соли 4




Дар шароити имрӯзаи ҷомеаи башарӣ роҳи ягонаи расидан ба ҳама пешравию муваффақиятҳои бузург побарҷо будани Ваҳдати миллӣ дар кишвар аст. Таҷрибаи сулҳофарии кишвари мо нишон дод, ки дар масири таърих роҳи дигари таъмини суботу оромӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ вуҷуд дошта наметавонад. Дар сурати ба гирдоби ҷанги таҳмилӣ дучор шудани мамлакат, имконияти дубора арзи ҳастӣ кардани як миллат ва як давлат зери суол аст ва ин ҳолатҳои ногувори кишварҳои дуру наздикро мо ҳамарӯза тавассути васоити ахбори омма мушоҳида мекунем.

Аз он ки миллати тоҷик ва мардуми шарифи Тоҷикистон ба ин ноҷуриҳои таърих рӯ ба рӯ гардида, қисмате ба доми аввомфиребони ифротӣ задааст, дарду машаққати зиндагӣ дар як шароити муташаниҷро на нисбати худ ва нисбати дигарон таҳаммул карда метавонад.

Дар рӯзҳои аввали соҳибистиқлолии кишварамон баъзе гурӯҳҳои алоҳидаи ифротӣ, ки таҳти таъсири андешаҳои тундгароёнаи неруҳои бадхоҳи хориҷӣ қарор доштанд, Ватани азизамонро ба гирдоби низоъҳои мудҳиши дохилӣ кашиданд.

Ҷанги таҳмилии хонумонсӯзе, ки дар кишварамон сар зада буд, ба мамлакати мо хисороти бузурги иқтисодӣ ва ҷонӣ овард. Бисёре аз ҳамватанони мо бехонаву дар монда, ҳазорон нафар наврасону кӯдакон ятим монда, қариб як миллион шаҳрванди кишварамон гуреза шуда, рӯ ба мамлакатҳои бегона оварданд. Ҳамчунин дар ин давра «кучиши мағзҳо» пуршиддат гардид. Чунки бисёре аз мутахассисони дохилию хориҷӣ кишварро тарк намуда, қисмати дигар, ҳалок гаштанд. Дар ин раванд, ҳатто хатари пароканда шудани давлат низ ба вуҷуд омада буд.

Аслан тамоми ин дасисаҳо маҳсули дасти хоҷагони хориҷии баъзе гуруҳҳое буданд, ки онҳо намехостанд Тоҷикистон ба кишвари пешрафта табдил ёбад, ҳатто нияти пароканда кардани миллати кӯҳанбунёди тоҷикро доштанд. Лекин набояд фаромӯш кард, ки бадхоҳон ба мақсади нопоки хеш намерасанд.

Дар ин росто, халқи тоҷик бо иродаи қавии худ тавонист ба орзуи деринаи хеш, яъне сулҳу субот, якдилӣ тинҷию оромӣ дар кишвар ноил гардад. Дар ҳақиқат, Ваҳдати миллӣ дастоварди бузургест, ки дар таърихи халқи тоҷик беназир аст. Дар ҳамбастагӣ бо мардум ва якдигарфаҳмии ҳамдигар миллати тоҷик Ваҳдати миллиро ба даст овардааст.

Пас аз талошҳои чандинбораи Пешвои миллат мусолиҳаи миллӣ миёни тоҷикон шурӯъ шуда, байни намояндагони давлат ва мухолифони тоҷик якчанд давраи музокирот дар кишварҳои дӯст баргузор гардид. Дар охир, 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ ба имзо расид ва ин валвалаи оғози суботу оромӣ дар кишвари тозаистиқлоли Тоҷикистон буд. Бинобар ин, хизматҳои шоёни Пешвои муаззами миллатро мардуми шарафманди тоҷик ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунанд.

**Бо шарофати ваҳдати миллӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бисёр дастовардҳо ноил гашт. Аз ҷумла:**

**1. Суботу оромӣ дар кишвар таъмин гардид.**

**2. Кишвар ва миллат аз вартаи нестшавӣ наҷот дода шуд.**

**3. Ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ хотима гузошта шуд.**

**4. Сарҷамъии мардуми кишвар бозҳам мустаҳкамтар гардид.**

**5. Вазъи иктисодӣ ва иҷтимоии мардум рӯз ба рӯз беҳтар гардид.**

**6. Дар кишвар парлумони касбӣ таъсис ёфт.**

**7. Тоҷикистон узви ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ гардид.**

**8. Ҳадафҳои стратегии мамлакат амалӣ гардиданд.**

**9. Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун кишвари сулҳхоҳ ва сулҳҷӯ эътироф намуданд.**

**10. Тоҷикистон ташаббускори як қатор барномаҳои сатҳи ҷаҳонӣ гардид ва дигар.**

Аз ин рӯ, миллати моро зарур аст, ки ҳамеша ба қадри сулҳу ваҳдат бирасад, зеро дар роҳи ба даст овардани сулҳу ваҳдат бисёре аз ҷавонмардони миллат ҷони худро нисор кардаанд, то ки насли оянда, махсусан мо ҷавонон зери сояи сулҳ зиндагии орому осуда дошта бошем.

